*Пардохти андоз - баҳои тамаддуниятнокии ҷомеа*

■ №22 (1119) 31 майи соли 2018

E-mail: boju_hiroj@mail.ru

# Боҷу хироҷ

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Мо бояд кӯшиш намоем, ки бо амалҳои солеҳ, аз ҷумла бо инсондӯстӣ, ҷавонмардӣ, саховатпешагӣ ва ҳимматбаландӣ умр ба сар барем, кумаки худро аз дигарон дареғ надорем, аз дилозорӣ парҳез кунем, накӯкориро шиори зиндагӣ қарор дода, якҷоя барои рӯзгори босаодат талош намоем ва суннатҳои неки фарҳанги миллӣ ва урфу одатҳои писандидаи халқамонро бо сифатҳои боз ҳам баланди инсонӣ ба ояндагон ба мерос гузорем.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

## ҲОЛАТИ ФАЪОЛИЯТИ

# ИҶОРАДИҲАНДАГОН

**Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромад, дуруст ва пурра ба ҳисоб гирифтани объектҳои молу мулки манқул ва ғайриманқули шахсони воқеӣ, инчунин, оид ба саривақт ва дуруст дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дарҷ намудани маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 26.10.2017, №486-ро ба имзо расидааст.**



# АЗНАВБАҲИСОБГИРӢ



Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи корӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур сафарбар гардид.

САҲ.4

## ДАР ИН ШУМОРА:

**Фаъолияти корхонаҳои ангиштистихроҷкунанда дар мадди назар** ................................ САҲ.2

**Андозҳои маҳаллӣ** ................................ САҲ.3

**Моҳияти назорати камералӣ** ................................ САҲ.5

**Ошкоршавии камбудиҳо** ................................ САҲ.6

**Бемасъулиятӣ дар пардохти қарзи андозҳо** ................................ САҲ.7

**Вазъи ҷамъоварии андозҳо** ................................ САҲ.8

**Робита бо андозсупорандагон** ................................ САҲ.10

**Чораҳои судманд** ................................ САҲ.11

**Мактубҳои тавзеҳотӣ чӣ гуна амалӣ мешаванд?** ................................ САҲ.12

# ДАР БОРАИ ТАЪСИСИ КОМИССИЯ ОИД БА ОЗМУН ДОИР БА ИНТИХОБИ БЕҲТАРИН ЛОИҲАИ АНГОРАВИИ БОҒИ «ИСТИҚЛОЛИЯТ»



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 майи соли 2018 дар бораи таъсиси Комиссияи байниидоравӣ оид ба гузаронидани озмуни кушода байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ватанию хориҷӣ доир ба интихоби беҳтарин лоиҳаи ангоравии боғи «Истиқлолият» бо майдони маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» дар шаҳри Душанбе бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоишро ба имзо расониданд.

Дар асоси ин фармоиш тартиб ва ҳайати Комиссияи байниидоравӣ оид ба гузаронидани озмуни кушода тасдиқ карда шуданд.

Дар Тартиб ҳадафу мақсад, ваколату вазифаҳои Комиссия, шартҳо ва талаботи озмун ва дигар муқаррарот муайян гардидаанд.

Боғи «Истиқлолият» бо майдони маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» дар қисмати марказии пойтахт, дар қитъаи замини масоҳаташ 29,0 гектар ҷойгир карда мешавад.

Акси кайҳонии ҷойгиршавии боғ аз ҷониби Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе омода карда шудааст.

Тартиби гузаронидани озмун ва ҳайати Комиссияи байниидоравӣ дар сомонаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.tajsohtmon.tj) ва воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳурӣ интишор мешаванд.

Дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани фаъолияти Комиссияи байниидоравӣ ба зиммаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст.

Барои дастрасии маълумоти иловагӣ довталабон метавонанд ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, то 30 сентябри соли 2018 лоиҳаи ангоравии худро бо қайди «Барои озмун» бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 36 ва ё почтаи электронии info@tajsohtmon.tj пешниҳод намоянд.

# ОҒОЗИ КОРҲОИ СОХТМОНӢ ДАР ИНШООТИ ДОНИШКАДАИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кӯчаи Низоми Ганҷавии шаҳри Душанбе бо гузоштани санги асос ба бунёди иншооти нави Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит оғози расмӣ бахшиданд.**

Иншооти нави Донишкадаи исломии Тоҷикистон барои 1500 донишҷӯ дар як баст пешбинӣ гардида, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо харҷи 136 миллион сомонӣ дар майдони қариб 3 гектар бунёд карда мешавад.

Бинои асосии ин муассисаи олии таълимӣ аз 5 қисми (блок) ҳафтошёна иборат буда, лоиҳаи он ба таври замонавӣ дар доираи меъёрҳои меъморию шаҳрсозӣ таҳия шудааст.

Тибқи лоиҳа, се қисми иншоотро асосан биноҳои таълимӣ ва маъмурӣ ва ду қисми дигарро хобгоҳҳои замонавӣ, толори мусири варзишӣ, ошхона, маҷлисгоҳ ва китобхона ташкил медиҳанд.

Зимни муаррифии лоиҳа ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки хобгоҳ барои 1500 нафар, ошхона бо 490 ҷой, толори варзишӣ бо 260 ҷой ва маҷлисгоҳ бо 550 ҷойи нишаст сохта мешаванд. Бунёди китобхонаи анъанавӣ ва электронӣ низ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамчунин дар ин ҷо як бинои дуошёна, майдончаи варзишии универсалӣ, ҷойи истироҳат бо фаввора ва айвонҳо, таваққуфгоҳ барои нақлиёт ва дигар иншооти ёрирасон бунёд мегардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулони корҳои сохтмонӣ дастур доданд, ки барои бо сатҳу сифати баланд ва мувофиқ ба талаботи лоиҳа сохтани иншооти таълимию ёрирасони донишкадаи мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ёдовар мешавем, ки биною иншооти нави Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит дар шафати «Масҷиди калон», ки айни замон сохтмонаш идома дорад, бунёд мегардад.

# Фаъолияти корхонаҳои ангиштистихроҷкунанда дар мадди назар

**Чанде қабл дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи корӣ баргузор гардид, ки дар он роҳбарону сармуҳосибони корхонаҳои соҳаи истихроҷи ангишт иштирок карданд.**

Дар ҷаласа сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсуло Кабирзода доир ба мушкилоти ҷойдошта дар фаъолияти корхонаҳои истихроҷи ангишт ибрози ақида намуд. Ӯ гуфт, ки сарфи назар аз таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти мақомоти андоз ва ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо роҳбарон ва муҳосибони корхонаҳои соҳаи истихроҷ ва фурӯши ангишт ҳоло ҳам дар фаъолияти корхонаҳои соҳа як қатор камбудию қонунвайронкуниҳо ҷой доранд. Аз ҷониби онҳо риоя нагардидани пешбурди дурусти муҳосибӣ ва коргузорӣ ба назар мерасанд.

Ш. Кабирзода истифодаи дурусти низоми қарордод оид ба истифодабарии сарватҳои зеризаминиро шарҳ дода, қайд кард, ки мутаассифона, баъзе ташкилотҳое, ки ба истихроҷи ангишт машғул мебошанд, тартиби муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи истифодабарии захираҳои табиӣ риоя намекунанд. Аз ҷониби корхонаҳои соҳаи ангишт, қарордодҳои истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ бо мақомоти ваколатдори давлатӣ сари вақт баста намешавад ва инчунин, маблағи бонуси обунавӣ ба буҷети давлатӣ пардохт намегардад.

Аз 19 адад корхонаву ташкилотҳои дорандаи иҷозатнома оид ба истихроҷ ва коркарди ангишт, то ба имрӯз танҳо 5 адади онҳо бо Саридораи геология қарордод ба имзо расонидаанд.

Аз ҷониби 5 корхонаву ташкилоте, ки ба онҳо иҷозатнома оид ба коркард ва истихроҷи ангишт дода шудааст ва онҳо тибқи тартиби муқарраргардида бо мақомоти салоҳиятдор (Саридораи геология) доир ба пардохти андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ, қарордодро ба имзо расонидаанд, аммо маблағи бонуси обунавӣ аз ҷониби онҳо пардохт нагардида истодааст. Масалан, КФКВД “Шахтаи Фон Яғноб”, ки маблағи бонуси обунавии ҳисобшуда тибқи қарордод барои корхонаи мазкур 56,3 млн. сомонӣ, КФ «Кони ангишти Зиддӣ»-и ноҳияи Варзоб маблағи бонуси обунавии ҳисобшуда тибқи қарордод 52,6 млн. сомонӣ, НҶДММ “Сиёвуш Ф” дар шаҳри Панҷакент маблағи бонуси обунавии ҳисобшуда тибқи қарордод 3394,0 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ “Сангғалт” маблағи бонуси обунавии ҳисобшуда нисбати корхонаи мазкур 835,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, дар ҳаҷми пурра пардохт накарда истодаанд.

Қайд карда шуд, ки дар умум нисбати фаъолияти корхонаҳои соҳаи истихроҷи ангишт тибқи талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои зерқонунӣ дар давраи солҳои 2011-2018 ба маблағи зиёда 403,6 млн. сомонӣ бонуси обунавӣ ҳисоб карда шуда, то ба имрӯз пардохти зиёда аз 23,5 млн. сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст. Бақияи қарзи он 380,1 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки он 62 фоизи қарзи умумии бонуси обунавии корхонаву ташкилотҳои соҳаи истифодабарии сарватҳои зеризаминиро ташкил медиҳад.

Ҳол он ки тибқи талаботи моддаи 51 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории андоз ин уҳдадории андозсупоранда дар назди давлат мебошад, ки мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омада, тибқи он андозсупоранда уҳдадор аст ба буҷет андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳоро супорад. Мақомоти андоз тибқи қонунгузорӣ ҳуқуқ дорад аз андозсупоранда иҷрои уҳдадории андозиашро дар ҳаҷми пурра талаб намояд ва дар ҳолати иҷро накардан, ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои андоз, тибқи тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур чораҳои назорати андоз ва (ё) ситонидани маҷбурии андозҳоро татбиқ намояд. Бояд қайд намуд, ки тибқи талаботи банди 4 моддаи мазкур уҳдадории андоз аз лаҳзаи пайдо шудани ҳолатҳое, ки пардохти андоз, ҷаримаҳои ҳисобшуда ва фоизҳоро мутобиқи талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамоянд, ба зиммаи андозсупоранда вогузор карда мешавад.

Иштирокдорони ҷаласа оид ба масъалаҳои истифодабарии захираҳои табиӣ, аз ҷумла ангишт, изҳори ақида намуданд. Намояндагони корхонаҳои соҳаи ангишт гуфтанд, ки ба онҳо муҳлат дода шавад, то ин ки онҳо тавонанд вобаста ба шароити молиявиашон пешниҳодҳои худро ҷиҳати ҳалли масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа баррасӣ гардида ба Кумитаи андоз манзур намоянд.

Доир ба ин масъала Шамсуло Кабирзода ба изҳор намуд, ки истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ андозсупорандагони дорои хусусияти хос ҳастанд, чунки ҳисобу пардохти ин намуди андозҳо аз дигар намуди андозҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ҳар сурат, новобаста аз пешниҳоду таклифҳо, дар асоси тартиби муқарраргардида бояд маблағи бонусҳо аз ҷониби корхонаҳои соҳаи ангишт ба буҷети давлатӣ пардохт карда шавад. Аз ин лиҳоз, корхонаҳои соҳаи ангиштро мебояд муқаррароти қонунгузории амалкунандаро пурра иҷро намуда, ҳар чи тезтар камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф ва пардохти маблағи бонуси обунавиро ба буҷети давлатӣ амалӣ намоянд.

Қайд гардид, ки ҳолати дигари ташвишовар дар он мебошад, ки корхонаҳои иҷозатномадор, ба монанди КФ КВД «Шахтаи Фон Яғноб», ҶДММ “Талко Ресурс”, Корхонаи фаръии «Кони ангишти Зиддӣ», ҶДММ “Сангғалт”, КФ «Кони ангишти Назарайлоқ» ва дигарон дар давоми соли 2017 ва 4 моҳи соли 2018 ба зимми он ки бархилофи қонунгузории амалкунанда ба дигар ширкатҳо имконият додаанд, ки дар минтақаи кӯҳкорӣ ба истихроҷи ангишт машғул гарданд, инчунин, муқаррароти Кодекси андозро оид ба қабул ва пешниҳоди ҳисобнома-фактураҳои ААИ бо чунин корхонаҳо дуруст риоя накардаанд.

Бо назардошти масъалаҳои муҳокимашуда ба хотири ислоҳи камбудиҳо ва роҳ надодан ба ҳамагуна қоидавайронкуниҳо ва нофаҳмоиҳо байни мақомоти андоз ва корхонаҳои соҳаи ангишт, аз ҷониби Кумитаи андоз як қатор дастуру супоришҳо дода шуд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

**“Боҷу хироҷ”**

# АНДОЗҲОИ МАҲАЛЛӢ



**Иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии аксар шаҳру ноҳияҳо аз пардохти андозҳои маҳаллӣ вобастагӣ дорад, ки андози молу мулки ғайриманқул ва замин мебошад. Дар натиҷаи сари вақт напардохтани андозҳои молу мулки ғайриманқул аз тарафи шаҳрвандон дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бақияи қарзи андозҳо сол аз сол зиёд шуда, ба раванди иҷро шудани нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Чунин ҳолат, имрӯз дар шаҳри Хуҷанд низ ба назар расида, кормандони нозироти андозро ба ташвиш гузоштааст.**

Бино ба маълумоти мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд Азимҷон Маҳкамов маблағи бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби молу мулки ғайриманқули сокинони маркази вилоят ба санаи 20-уми майи соли ҷорӣ 4 миллиону 741 ҳазору 544 сомониро ташкил медиҳад. Бояд зикр намуд, ки дар аввали сол 1-уми январи соли 2018 ин рақам ба 5 миллиону 507 ҳазору 929 сомонӣ баробар буд. Яъне дар натиҷаи андешидани тадбирҳои судманд аз тарафи кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд дар якҷоягӣ бо сарварон ва масъулони Кумитаи маҳаллаҳо маблағи бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби молу мулки ғайриманқули сокинон нисбат ба аввали сол 766 ҳазору 385 сомонӣ кам карда шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки айни замон мутобиқ ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми апрели соли 2017 аз ҷониби кормандони мақомоти ҳудудии андоз бо мақсади пурра ва дуруст ба ҳисоб гирифтани объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин, воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва ташкил намудани Феҳристи ягонаи давлатии объектҳои молу мулки ғайриманқул ва дар ин асос муайян намудани манбаъҳои андозбандии андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андоз аз воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ азнавбаҳисобгирии (инвентаризатсия) пурраи объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин, воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ гузаронида шуда истодааст. Мувофиқи маълумоти Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд ба ҳолати имрӯза ҳамагӣ 38 ҳазору 704 адад молу мулки ғайриманқул, 10 ҳазору 524 адад қитъаи замин мавҷуд аст. Аз ҳамин шумораи умумии объектҳо ба санаи 20-уми майи соли равон 34 ҳазору 167 адад, ё худ 88,28 фоиз молу мулки ғайриманқул, 8 ҳазору 971 адад, ё ин ки 85,24 фисад қитъаи замин ба Барномаи СИА «Баҳисобгирии андозҳои шахсонӣ воқеӣ» дохил карда шудаанд.

Бояд гуфт, ки 18-уми май бо мақсади баррасии масъалаҳои бақияи қарзи андозҳои молу мулки ғайриманқул ва супоридани он, ҳолати гузаронидани баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ, ба андозбандӣ ҷалб намудани молу мулки ғайриманқул, ки ба иҷора ва барои фаъолияти тиҷоратӣ истифода мешаванд, дар бинои Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд семинар-машварат доир гардид. Дар ҷаласа роҳбарият ва кормандони нозироти андоз ва мутахассисони шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ, раисони Кумитаи маҳаллаҳо иштирок намуданд. Дар ҷаласа таъкид гардид, ки барои дар сатҳи зарурӣ гузаронидани баҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин, воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дохил намудани маълумот ба барномаи компютерӣ дар шаҳри Хуҷанд гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шуданд.

Дар навбати худ соҳибмулконе, ки ба иҷора додани молу мулки манқул ва ғайриманқул машғуланд, вазифадор карда шуданд, ки дар нозироти андоз фаъолияти тиҷоратии худро ба қайди давлатӣ гирифта, минбаъд сари вақт эъломияи андозро пешниҳод ва маблағи андозҳоро пардохт намоянд.

Иштирокчиёни семинар-машварат вобаста ба масъалаҳои баррасишуда ба музокира баромада, бо саволҳо ба намояндагони кормандони андоз муроҷиат намуданд. Ба саволҳои иштирокчиёни ҷаласа намояндагони мақомоти андоз ҷавобҳои қонеъкунанда доданд. Ба иштирокчиёни семинар-машварат маслиҳат дода шуд, ки онҳо метавонанд ҳамеша барои ҳалли масъалаҳои пешомада ба мақомоти ҳудуди андоз ташриф оранд ё тавассути телефони боварии Кумитаи андоз ба гурӯҳи иттлоотӣ ба рақами соддкардашудаи 151 ва рақами кӯтоҳи 909-и Раёсати андоз дар вилояти Суғд муроҷиат намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

## БЕШ АЗ 76%-И ДАРОМАДИ БУҶЕТРО ДАР СЕМОҲАИ АВВАЛ АНДОЗҲО ТАШКИЛ ДОДАНД

**Нишондиҳандаҳои пешбинишудаи буҷети Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли равон ба андозаи 1,2 фоиз барзиёд иҷро шуд. Семоҳаи аввали соли ҷорӣ даромади буҷет наздики 4,4 млрд. сомониро ташкил дод.**



Тибқи маълумоти пешакии Вазорати молияи Тоҷикистон, ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ давоми се моҳи соли равон 4 млрд. 375,2 млн. сомонӣ ё худ 101,2% аз нақшаи саҳеҳшударо ташкил додааст.

Зиёда аз 76%-и даромади буҷетро маблағҳои воридшуда аз андоз ташкил додаанд, ки ҳаҷми умумии он ба 3 млрд. 331,4 млн. сомонӣ баробар аст.

Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта андоз аз даромад ва андоз аз фоида ба миқдори 105 млн. сомонӣ, аксизҳо - 14 млн. сомонӣ ва андоз аз арзиши иловашуда - 242 млн. сомонӣ афзудаанд.

Маблағҳои дигар (ғайриандозӣ)-и воридшуда дар ҳаҷми умумии даромадҳои буҷет 286 млн. сомонӣ ё худ 6,5%-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 66 млн. сомонӣ камтар шудааст.

Хароҷоти буҷети давлатӣ семоҳаи аввали соли равон 4 млрд. 24 млн. сомониро ташкил додааст, ки дар қиёс бо се моҳи аввали соли 2017 ба миқдори 402 млн. сомонӣ ё худ 9,1% камтар мебошад.

Қариб панҷяки хароҷоти буҷет ба комплекси таъминот бо сӯзившорӣ ва энергетика ва наздики 17% - ба бахши маориф рост меояд.

Ҳамчунин, дар сохтори хароҷот ҳиссаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 14,3%, тандурустӣ - 7,3%, нақлиёт ва коммуникатсия - 5,2% низ назаррас аст.

**Манбаъ: https://www.news.tj**

**МОҲИ МАЙ — АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА — СОЛИ 2018**

## ДАР БАНДАРИ ОЗОДИ ВЛАДИВОСТОКИ РОССИЯ РЕҶАИ МАХСУСИ АНДОЗ ҶОРӢ ГАРДИД

**Меъёри андози ягона ҳамагӣ 6 фоизро ташкил медиҳад.**

Вазорати рушди иқтисоди Россия лоиҳаи қонунеро таҳия намудааст, ки тибқи он тартиби ба вуҷуд овардан, идоракунӣ ва таъминоти фаъолияти маркази молиявии минтақавии бандари Владивостокро муқаррар менамояд.

Меъёри андози ягона 6 фоизро ташкил медиҳад. Пешбинӣ шудааст, ки андозсупорандагон аз пардохти андоз аз фоида ва андоз аз молу мулки ташкилотҳо озод карда мешаванд. Андоз аз арзиши иловагӣ, ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда барои молҳое, ки ба қаламрави Россия ворид карда мешаванд, пурра аз байн бурда мешавад.

«Ҷорӣ кардани андози ягона ташаббуси нававарона буда, таърихи бисёрсолаи мувофиқагардонӣ ва пуррагардонӣ дорад. Дар лоиҳаи қонун содагардонии маъмурикунонии андоз, ҷорӣ намудани системаи ягонаи андоз ба монанди андози ягонаи кишоварзӣ ё реҷаи содагардондашудаи андозбандӣ пешбинӣ шудааст», гуфтааст муовини вазири рушди иқтисоди Россия Павел Волков.

**http://taxpravo.ru**






**Дар аксари нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ имрӯз мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) насб шуда, андозсупорандагон барои ҳисоббаробаркунии нақдӣ аз он истифода карда истодаанд. Он яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеӣ ва гардиши пули нақди андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, барои дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ замина мегузорад.**

# Истифодаи МНХ ба манфиати ҷомеа

Хушбахтона, таъмини МНХ имрӯз дар Тоҷикистон ба таври назаррас роҳандозӣ гардида, чуноне ки мушоҳида мешавад, дар ин самт андозсупорандагон, кормандони мақомоти андоз ва истеъмолгарон то андозае масъулият эҳсос мекунанд. Раванди насб намудани МНХ дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон хуб ҷараён дошта, дар се моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби нозироти андози ноҳия дар фаъолияти 12 соҳибкор МНХ-и дорои ТИЭ насб карда шудааст. Вақте ҳамроҳ бо сармутахасиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳияи Данғара Фариддун Халифаев аз нуқтаҳои зиёди савдо ва хизматрасонии ноҳия дидан намудем, инро хуб эҳсос кардем. Пешниҳоди чипта ба истеъмолгарон аз ҷониби андозсупорандагон ба таври зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Чунки тавре муайян гардид, бархе аз фурӯшгоҳу нуқтаҳои хизматрасонӣ ин гуна мошинҳоро истифода мекарданду ба истеъмолгарон ҳама вақт чипта пешниҳод менамуданд.

Масалан, вақте аз мағозаи фурӯши масолеҳи сохтмонӣ, ки ба соҳибкори инфиродӣ Илҳом Абурабов тааллуқ дошт, дидан намудем, маълум гардид, ки соҳибкор бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин буда аз он ба таври зарурӣ истифода мекард. Номбурда гуфт, ки аз МНХ истифода менамояд ва ба ҳар як харидор чиптаи маҳсулоташро пешниҳод менамояд. И. Абурабов гуфт, ки бештари вақт молҳояшонро тариқи қарз ба харидор пешниҳод менамоянд ва баъди гирифтани маблағ ба ӯ аз МНХ чипта пешниҳод менамоянд.



Номбурда гуфт, ки тӯли 2, 5 сол аст, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, кӯшиш менамояд, ки ҳамеша маблағи андозҳояшро сари вақт пардохт намояд. Ӯ гуфт, ки муносибати кормандони мақомоти андоз бо онҳо хуб буда, дар ҳар як семинар-машварат ва корҳои тавзеҳотие, ки аз ҷониби мақомоти андоз гузаронида мешавад, ширкат менамояд. И. Абурабов гуфт, ки ҳар моҳ вобаста ба даромади худ маблағи андозҳоро пардохт карда, эъломияи андозро тариқи хаттӣ пешниҳод менамояд.

Доир ба пешниҳоди эъломия тариқи электронӣ Фариддун Халифаев қайд намуд, ки Нозироти андоз дар ноҳияи Данғара ният дорад ба наздикӣ тамоми соҳибкоронро ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломия гузаронад. Кӯшиш мекунем, ки ҳамаи соҳибкоронро бо «Токинг» таъмин гарданд ва тамоми амалиётҳои онҳо тариқи электронӣ ба роҳ монда шавад.

Дар ҳамин замина, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба хотири халалдор насохтани фаъолияти андозсупоранда, бо истифода аз технологияҳои ҳозиразамон ба роҳ мондани пешниҳоди эъломия ва ҳисобот ба мақомоти андоз, анҷом додани таҳлилҳо дар доираи барномаҳои компютерӣ, дар ин замина то ҳадди максималӣ канорагирӣ намудан аз гузаронидани корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупоранда, ҳамзамон баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии мақомоти андоз ба андозсупорандагон як қатор корҳоро ба анҷом расонида истодааст.

Фурӯшандаи мағозаи масолеҳи сохтмонӣ Зайниддин Суфиев, ки коргари кироя буда, дар асоси шартнома ба кор ҷалб карда шудааст, гуфт, ки МНХ воситаи асосии даромади воқеии мо ба ҳисоб рафта, ҳамеша кӯшиш менамоем, ки аз он ба таври зарурӣ истифода намоем. Номбурда гуфт, ки савдо нисбати солҳои пеш камтар шудааст ва аз саҳар то соати 15:00 и 10-уми майи соли равон танҳо як тахта фурӯхтаасту халос.

Ӯ гуфт, ки мо ҳамеша кӯшиш менамоем аз МНХ истифода намоем, чунки он воситаи муайян кардани даромади воқеии мо ба ҳисоб меравад. Дар мавриди пардохти андоз қайд намуд, ки мағоза, аслан ба бародараш Сайфидди Суфиев тааллуқ дошта, ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки маблағи андозҳоро пардохт намоянд.

Ба гуфтаи ӯ, маблағҳои андозе, ки онҳо пардохт менамоянд, фардо барои нафақаи падару бобоён ё маоши муаллимони фарзандони онҳо сарф хоҳад шуд. Ҳамчунин гуфт, ки он барои дар оянда ба нафақа баромаданашон кӯмак мекунад.

Насб намудан ва мавриди истифода қарор додани МНХ-и дорои ТИЭ дар марказҳои савдо, НФС-ҳо ва мағозаҳо, пеш аз ҳама, ба манфиати ҷамъияту кишвар аст. Аз ин рӯ, мақомоти андози кишвар пайваста бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва баргузории семинар-машваратҳо дар байни андозсупорандагон кӯшиш мекунанд, ки фарҳанги андозсупорӣ ва истифодаи МНХ-ро ба соҳибкорон омӯзанд.

Тибқи қонунгузории андоз мақомоти андоз вазифадоранд, ки аз ҷониби андозсупорандагон ҳангоми муомилоти пулӣ бо аҳолӣ истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалиро назорат намоянд. Дар ҳолати истифода накардани МНХ мақомоти андоз ӯҳдадоранд, ки дар фаъолияти соҳибкор корҳои назоратӣ, аз ҷумла хариди назоратӣ анҷом диҳанд.

Соҳибкори инфиродӣ Амиралӣ Холов низ аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода мекард ва зимни мушоҳидаи мо маълум гашт, ки ба ҳар як харидор чипта пешниҳод менамуд. Ӯ мегӯяд:

- Мо ҳамеша кӯшиш мекунем, ки аз МНХ истифода намоем, баъзе ҳолатҳо аз сабаби қувваи барқи он тамом шудан, маҷбурем онро ба қувввваи барқ пайваст намоем.

Ин дар ҳолест, ки дар банди ӯҳдадории тарафҳо, дар шартномаи соҳибкорон бо марказҳои хизматрасонӣ омадааст, ки коргарон ӯҳдадоранд, ки муроҷиати андозсупорандагонро оид ба таъмирталаб будани МНХ ба қайд гирифта, ба мақомоти андоз тариқи хаттӣ (бо додани нусхаи санад ё маълумотнома) оид ба гирифтани МНХ барои таъмир хабар диҳад; муҳлати таъмири МНХ набояд аз 3 рӯз зиёд бошад.

- Ман, ки пайваста дар ин мағоза худам савдо мекунам, ҳатман ба ҳар як харидор аз МНХ чипта медиҳам. Чунки додани чипта ин кафолатнокии молу маҳсулоти ман аст, ки дар ҳолати бесифат будани он ман метавонам ба воситаи он чипта маҳсулоти худро бозпас гирам. Ҳастанд ҳолатҳое, ки аз дигар мағозаҳо маҳсулоти бесифатро харидорӣ намуда, бе чипта ба назди ман меоянд, ки гӯё он молро аз ман харидорӣ намуда бошанд, аммо вақте ман аз онҳо чиптаи додаамро талаб мемамоям, онҳо хомӯш мемонанд. Чунки ман ба ҳар як харидор чипта медиҳам ва барои ҳамин ҳатман талаб менамоям. Аммо баъзе вақт бо сабабҳои техникӣ наметавонем, ки ба соҳибкорон чипта мешниҳод намоем, - мегӯяд А. Холов.

Дар маҷмӯъ, зимни мушоҳида маълум гашт, ки соҳибкорон бо МНХ-и дорои ТИЭ таъминанд ва аз он ба таври зарурӣ истифода мекунанд. Чунки истифодаи МНХ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар вақти фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд дар асоси моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №210 ҳатмӣ мебошад.

**Мазҳаб ҶУМЪА,**
**Неъматулло НУРОВ,**
**ноҳияи Данғара**

**МОҲИ МАЙ — АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА — СОЛИ 2018**

## РОССИЯ: СИСТЕМАИ ПАТЕНТӢ БА ЧОРВОДОРӢ ВА РАСТАНИПАРВАРӢ НИЗ ҶОРӢ МЕГАРДАД

ЛОИҲАИ ҚОНУНИ РОССИЯРО ДАР ИН БОРА ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ИН КИШВАР ОМОДА КАРДААСТ.

**Вазорати молияи Россия тағйирот ба қисми 2 боби 26, Кодекси андози Россияро омода намудааст, ки дар он ҷорӣ гаштани системаи патентӣ дар соҳаи чорводорӣ ва растанипарварӣ пешбинӣ шудааст, навиштааст Интерфакс.**

Ҳуҷҷати номбурда пешбинӣ менамояд, ки чорводорӣ ва растанипарварӣ ба рӯйхати намудҳои фаъолияти соҳибкорие ҳамроҳ карда шавад, ки онҳо тибқи системаи патентӣ фаъолият мекунанд. Ҳамин намуди системаро барои хизматрасонӣ ба соҳаҳои чорводорӣ ва растанипарварӣ низ пешбинӣ кардан зарур аст.

Лоиҳаи қонун дар заминаи супориши сарвазир Дмитрий Медведев тайёр карда шудааст. Вазорати молия онро барои мувофиқа гардондан ба вазоратҳои марбутаи Федератсияи Россия равона кардааст.



**http://taxpravo.ru/novosti/page-2**

# Моҳияти назорати камералӣ

**Тибқи муқаррароти моддаи 22 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати андоз шакли назорати давлатӣ буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади иҷрои меъёрҳои қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Дар суҳбат бо мо аз Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзӯъро чунин шарҳ доданд.**



Мафҳуми назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳодкардаи андозсупоранда, маълумоти мақоми ваколатдор ва дигар ҳуҷҷатҳои дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андозбуда анҷом дода мешавад. Назорати камералӣ қисми таркибии низоми идоракунии хавфҳо мебошад.

Мақсад аз гузаронидани назорати камералӣ, асосан, пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупоранда ва фароҳам овардани имконият ба андозсупоранда барои то оғози санҷиши маҷмӯии андоз бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва пешгирӣ аз татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ нисбат ба андозсупоранда мебошад.

Назорати камералии ҳисоботи андозсупоранда, ҳамчун хизматрасонии мақомоти андоз, тибқи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар доираи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармоишҳои дахлдори Раиси Кумитаи андоз амалӣ карда мешавад. Ин гуна назорат аз тарафи мақомоти андоз дар асоси вазифаҳои хизматии функсионалӣ, бе ягон қарори махсус (амрнома)-и роҳбари мақомоти андоз, ба роҳ монда мешавад.

Мақомоти андоз назорати камералиро дар чунин ҳолат мегузаронад:

- бе огоҳ кардани андозсупоранда оид ба назорати камералӣ;

- назорати камералӣ нисбати ҳар як эъломияи (ҳисоботи) пешниҳодгардида, дар шакли автоматизатсияшудаи таносуби назорати муқоисавӣ гузаронида мешавад;

- мутобиқат намудани байни маълумоту ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи андозсупоранда ва маълумоту ҳуҷҷатҳое, ки дар мақомоти андоз мавҷуданд;

- бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда;

- баҳисобгирӣ ва бақайдгирии андозсупоранда ва ҳуҷҷатҳои таъсисӣ;

- қонунӣ будани истифодаи низомҳои андоз;

- қонунӣ будани истифодаи имтиёзҳои андоз.

- Назорати ҳисоби дурусти манбаи андозбандӣ;

- назорати дурустии маълумоти ҳисоби арифметикӣ дар эъломияҳои андоз дарҷшаванда, дар асоси иртиботи нишондиҳандаҳои сатр ва сутуни дар шакли он пешбинишуда;

- назорати асоснокии тарҳҳои андозии пешниҳодгардида;

- назорати аз ҷониби андозсупоранда дуруст истифода кардани меъёр ва имтиёзҳои андоз, мутобиқати онҳо бо қонунгузориҳои амалкунанда.

Инчунин, дар марҳалаи назорати дурустии ҳисобкунии манбаъҳои андоз таҳлили камералӣ гузаронида мешавад, ки аз инҳо иборатанд:

- назорати алоқаи мантиқии байни ҳисоботи алоҳида ва нишондиҳандаҳои ҳисобие, ки барои ҳисоб кардани манбаи андоз зарур мебошанд;

- назорати муқоисаи нишондиҳандаҳои ҳисобот бо нишондиҳандаҳои шабеҳи давраи ҳисоботии гузашта;

- алоқамандии нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосибавӣ ва эъломияҳои андоз, инчунин нишондиҳандаи алоҳидаи эъломияҳо бо намудҳои гуногуни андозҳо;

- баҳодиҳии маълумоти ҳисоботи муҳосибавӣ бо эъломияҳои андоз аз нуқтаи назари мутобиқати маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда дар бораи фаъолияти молиявӣ- хоҷагидории андозсупоранда аз дигар манбаъҳои бадастомада.

Дар ҳолатҳои эҳтимолии қонунгузории андоз ошкор шудани қонуншиканиҳои дар ҷараёни назорати камералӣ ба андозсупоранда бо талаби дар муҳлати 10 рӯзи корӣ пешниҳод кардани тавзеҳот, ҳуҷҷатҳо ва ё иҷро намудани дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз огоҳинома фиристода мешавад.

Дар асоси моддаи 45 Кодекси андоз огоҳинома хабари аз ҷониби мақомоти андоз ба андозсупоранда (агенти андоз) дар ҳомили қоғазӣ бо розигии хаттии вай бо усули электронӣ фиристодашуда дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андоз эътироф карда шавад.

Огоҳиномаҳо ба андозсупоранда (агенти андоз) аз ҷониби мақомоти андоз бо асосҳои пешбининамудаи Кодекси андоз фиристода мешавад.

Зикр бояд кард, ки огоҳинома бояд ба андозсупоранда (агенти андоз) шахсан бо гирифтани имзояш ё дигар тарзи тисдиққкунандаи далели фиристодан ва гирифтани он супорида шавад.

Дар ҳолати аз ҷониби мақомоти андоз фиристода шудани огоҳинома, талаботи қонунгузории андоз, ки дар огоҳинома қайд шудааст, бояд аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) дар муҳлатҳои дар огоҳинома муқарраргардида иҷро шаванд.

Санади назорати камералиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз барои санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз тартиб медиҳад.

Агар мақомоти андоз дар эъломияҳои андози (ҳисоботи) пешниҳоднамудаи андозсупоранда хато ва ё номутобиқатиро ошкор насозад, санад тартиб дода намешавад.

Тартиби барасмиятдарории натиҷаи назорати камералӣ аз ошкор шудан ё нашудани хато дар ҳуҷҷатҳои пуркардашуда ё ин ки мухолифат байни маълумоти дар онҳо мавҷудбуда вобаста аст. Агар хато ва мухолифат мавҷуд набошад, нозир дар эъломия имзо гузошта, дар вароқи якум санаи назоратро дарҷ менамояд.

Дар ҳолати муайян намудани маблағи иловагӣ мақомоти андоз вазифадор мешавад, ки дар муҳлати 5 рӯз андозсупорандаро огоҳ намояд.

Инчунин, ҳангоми ба охир расидани назорат, агар хато ошкор гардад, нозир вазифадор аст, ки санад тартиб диҳад. Бояд зикр намуд, ки санад дар ду нусха тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз тартиб дода мешавад. Ёдрас мекунем, ки дар санад бояд тамоми маълумот ва талаботе, ки тибқи муқаррароти Кодекси андоз барои таҳияи санади санҷиши андоз зарур аст, дарҷ карда шавад. Баъдан, санад аз ҷониби нозир ва андозсупоранда ва ё намояндаи вай имзо монда мешавад.

Дар ин маврид, аввалан, оид ба гузаронидани чораҳои иловагии назорати камералӣ, аз ҷумла дар бораи таъин намудани санҷиши маҷмӯӣ ва ё мавзӯии андоз нисбати андозсупоранда қарор қабул карда мешавад.

Дар қарор оид ба гузаронидани чораҳои иловагии назорати андоз ҳолатҳое, ки сабаби зарурати гузаронидани чунин чорабинӣ гаштааст, дарҷ карда мешавад.

Нусхаи қарори мақомоти андоз ба андозсупоранда ва ё намояндаи вай дода шуда, имзояш гирифта мешавад. Нусхаи қарор метавонад бо дигар роҳ, ки санаи қабули онро аз ҷониби андозсупоранда ва ё намояндаи вай шаҳодат диҳад, равон карда мешавад. Агар бо чунин тарз пешниҳод кардани қарор ба андозсупоранда ва ё намояндаи вай ғайри имкон гардад, қарор ба воситаи почта бо мактуби фармоишӣ ирсол карда хоҳад шуд.

Дар муҳлати даҳ рӯз, баъд аз давраи баровардани қарор, мақомоти андоз аз андозсупоранда пардохти андозҳо, ҷарима ва фоизҳоро, ки пурра ва ё қисман пардохт накардааст, талаб миенамояд.

**Сурайёи ОРТИҚ**

---

**МОҲИ МАЙ** **АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА** **СОЛИ 2018**



## ФОНДИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР АЗ ОЛМОН ТАЛАБ КАРД, КИ МЕЪЁРИ АНДОЗ БАРОИ ОДАМОНИ САРВАТМАНДРО БАЛАНД БАРДОРАД

**Фонд паст будани сатҳи андозҳо барои одамони сарватманд ва баланд будани андозҳо барои одамони сатҳи даромадашон пастро таҳти интиқод қарор дод.**

Фонди байналмилалии асъор ба Олмон пешниҳод кардааст, ки нобаробарии иҷтимоии байни шаҳрвандони сарватманд ва шаҳрвандони сатҳи даромадашон пастро аз байн бардорад.

Фонд сатҳи пасти андозбандӣ барои одамони сарватманд ва баланд будани андозҳо барои одамони сатҳи даромадашон камро танқид кардааст.

Фонди байналмилалии асъор ба ҳукумати кишвар пешниҳод кард, ки андоз барои молу мулкро баланд бардорад.

http://taxpravo.ru/novosti/page-2

# АФЗОИШИ БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗ



**Бақияи қарзи андоз дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин ба ҳолати 1 майи соли 2018 зиёда аз 2 млн. 489 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Сабабу омилҳои боло рафтани бақияи қарзи андозро дар Нозироти андози ноҳия аз бемасъулиятӣ ва саҳлангории роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва қооперативҳои тиҷоратӣ унвон карданд.**

Тавре сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин Юнус Кабиров гуфт, бақияи қарзи андоз бештар дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кишоварзӣ мушоҳида мешавад. Имрӯз бо сайъу талоши пайвастаи кормандони мақомоти андози ноҳия аз хоҷагиҳои деҳқонии «Симчакон», «Кафтар» ва «Бобоносир», ки дар назди буҷет қарздор мебошанд, зиёда аз 200 ҳазор сомонӣ бақияипулиҳои қарзи андоз ситонида шуд. Маблағи ситондашуда пурра ба буҷет ворид гардидааст.

Бақияи қарзи андози корхонаи Кони ангишти ноҳия то имрӯз ба 317 ҳазор сомонӣ расидааст. Тавре Ю. Кабиров гуфт, миқдори калони бақияи қарзи андоз дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин аз ҳисоби хоҷагиҳои таҷдидшуда ба амал омадааст.

Дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин бақияи қарзи андоз аз молу мулки ғайриманқул низ яке аз масъалаҳои доғи рӯз ба шумор меравад. Тавре дар Нозироти андози ноҳия гуфтанд, то имрӯз бақияи қарзи андоз аз молу мулки ғайриманқул дар ҳудуди ноҳия 14 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Хоҷагии деҳқонии «Валӣ Абдулло», муассисаи гӯсфандпарварии «Бобоносир», хоҷагии деҳқонии «Майлон ИброНович», «Одина Ҳошим» ва «Саъдии Шерозӣ» низ аз ҷумлаи қарздорони ноҳия ба ҳисоб меравaнд. Кормандони мақомоти андози ноҳияро зарур аст, ки пайи камбудиҳои ҷойдошта саъйу талош намуда, камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф намоянд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ**

# ОШКОРШАВИИ КАМБУДИҲО

**Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2018, №614 с/х бо мақсади расонидани ёрии амалӣ дар рӯёнидани бақияи қарзи андозҳо, рафти иҷрои қарорҳо дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, кам кардани шумораи андозсупорандаҳои қарздор, назорат оид ба дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ Гурӯҳи кории Кумитаи андоз ба Нозироти андоз дар ноҳияи Кушониён сафарбар гардид. Гурӯҳи корӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳудудии андоз дар давоми фаъолияташ як қатор корҳоро ба анҷом расонид.**

## Корҳои анҷомёфта

Аз ҷониби Гурӯҳи корӣ ба суроғаи ҳуқуқии 53 адад андозсупорандаи қарздор ба маблағи 1909,0 ҳазор сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол гардиданд ва дар рафти фаъолият аз ҳисоби огоҳиномаҳои 42 нафар, ки ба нозироти андоз ҳозир гардидаанд, 154,1 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шудааст.

Инчунин, мутобиқ ба талаботи моддаҳои 620 ва 623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сари вақт напардохтан ва нигоҳ надоштани маблағи андози иҷтимоӣ нисбати 16 нафар андозсупорандаи қарздор ба маблағи 655 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ карда шуда, пардохти он ба буҷет таъмин гардид.

Ба 149 адад андозсупоранда оид ба дуруст муайян намудани маблағи уҳдадориҳо, аз ҷумла муайян кардани бақияпулиҳои андоз санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шудааст. Дар натиҷа, дар 17 ҳолат маблағи бақияпулӣ дар ҳаҷми 141.8 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Дар дигар маврид, бақияпулиҳо ба маблағи 313,1 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст.

Ҳамчунин, нисбати 8 нафар андозсупорандаи қарздор доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 1278,1 ҳазор сомонӣ қарор қабул гардидааст. Дар рафти фаъолияти Гурӯҳи корӣ 2 қарор иҷро ва аз ин ҳисоб 117,2 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи андозҳо ба буҷет ворид шудааст. Инчунин, аз ҳисоби қарорҳои қаблан қабулнамудаи нозироти андоз 156,8 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи андозҳо ба фоидаи буҷет рӯёнида шудааст.

Дар доираи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар миёни аҳолӣ ва андозсупорандагон Гурӯҳи корӣ 26,8 ҳазор сомонӣ андозҳои молу мулки ғайриманқулро ба буҷет ворид кардааст. Ҳамзамон, 26 нафар шаҳрванд ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулк дар нозироти андоз ба қайд гирифта шудааст. Аз ин ҳисоб барои давраҳои фаъолияти онҳо ҷамъ ба маблағи 2,7 ҳазор сомонӣ андоз аз даромадро ҳисоб кардаанд, ки пардохти он ба буҷет таъмин гардидааст.

## Бақияпулиҳои андоз ва шумораи андозсупорандаҳои қарздор

Мутобиқи маълумот, ба ҳолати 1 апрели соли 2018 дар Нозироти андози ноҳияи Кушониён маблағи бақияпулиҳои андоз (бо дарназардошти маблағҳои бахснок) 49407,7 ҳазор сомониро ташкил менамояд. Маблағи қарзи андозҳои эътирофшуда (бебаҳс) – и андозсупорандаҳо 22479,8 ҳазор сомонӣ буда, нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба андозаи 754,7 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

Ба ҳолати 1 апрели соли 2018, тибқи маълумоти расида, шумораи андозсупорандаҳои қарздори дар қайди нозиротбуда 727 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 314 адад шахси ҳуқуқӣ ва 413 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки аз 314 адад андозсупорандаи қарздор- шахсони воқеӣ мутаносибан 51 адад (16,2 фоиз) қарзи то 500 сомонӣ, 30 адад, (9,6 фоиз), қарзи аз 500 то 1000 сомонӣ, 78 адад (24,8 фоиз) қарзи аз 1000 то 5000 сомонӣ ва 155 адад (49,4 фоиз) қарзи андози зиёда аз 5000 сомониро ташкил мекунанд.

Аз шумораи умумии соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунандаи қарздор (413 нафар), мутаносибан 79 нафар қарзи то 100 сомонӣ, 181 нафар қарзи аз 100 то 1000 сомонӣ ва 153 нафараш қарзи андози зиёда аз 1000 сомонӣ доранд.

Дар натиҷаи ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби Гурӯҳи корӣ бақияи қарзи андозҳои 25 андозсупоранда бе татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба ҳисоби буҷет рӯёнида шуда, онҳо аз рӯйхати андозсупорандаҳои қарздор хориҷ гардиданд.



## Маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо

Тавре ки аъзои Гурӯҳи корӣ қайд карданд, мутобиқи ҳисоботи пешниҳодшуда дар Нозироти андоз дар ноҳияи Кушониён дар се моҳи аввали соли 2018 нисбати 15 адад андозсупорандаи аз андоз қарздор доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 6 миллиону 581 ҳазор сомонӣ 16 адад қарор қабул гардидааст, ки аз ин ҳисоб алҳол 562,9 ҳазор сомониаш ба буҷет ворид карда шудааст.

Дар соли 2017 нисбати 57 андозсупорандаи қарздор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи 5 миллиону 319,3 ҳазор сомонӣ 75 қарор қабул шуда будааст у аз ин ҳисоб танҳо 3 миллиону 717,8 ҳазор сомониаш ворида буҷет гардидааст. Аммо, чуноне қайд шуд, иҷрои 58 адад қарор ба маблағи 3 миллиону 198,7 ҳазор сомонӣ таъмин шудаву иҷрои 17 қарори дигари қабулгардида ба соли 2018-ум гузаронида шудааст. Дар се моҳи гузаштаи имсол аз ҳисоби қарорҳои мазкур 181,2 ҳазор сомонӣ вориди буҷет гардидааст.

Ҳамчунин, қайд шуд, ки аз маблағи умумии қарорҳои дар соли 2018 қабулгардида (6581,0 ҳазор сомонӣ) 4 миллиону 880 ҳазор сомониаш (74,1 фоизи маблағи қарорҳо) ба Идораи давлатии бехдошти замин ва обёрии ноҳияи Кушониён рост меояд. Ҳарчанд ки нисбати ин андозсупоранда аз ҷониби Раёсати андози вилояти Хатлон оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои суратҳисоби бонкӣ ва маблағҳои пули нақдӣ қарор қабул шуда буд, мутаассифона, ин гуна тадбир натиҷаи дилхоҳ надодааст. Ҳамин буд, ки қарзи андозҳои андозсупорандаи мазкур дар назди буҷет ба 6 миллиону 225,1 ҳазор сомонӣ расидааст.

Умуман, Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияташ дар ноҳияи Кушониён камбудиҳои зиёдро ошкор кард. Вобаста ба ин, Гурӯҳи корӣ бо мақсади иҷрои талаботи Фармоишҳои Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳ надодан ба зиёдшавии қарзи андозҳо, кам намудани шумораи андозсупорандаҳои қарздор, андешидани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати андозсупорандагони қарздор, назорат оид ба дурустии ҳисоб ва пардохти маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ бо иштироки кормандони нозироти андози ноҳия ҷаласа доир намуд ва ба масъулон барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дастуру супоришҳо дод. Таъкид шуд, ки роҳбарият ва сардорони шуъбаю бахшҳои нозироти андоз корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотиро миёни шаҳрвандон ва андозсупорандаҳо хубтар ба роҳ монанд.

**Мақсуди НЕЪМАТ**

# БЕМАСЪУЛИЯТӢ ДАР ПАРДОХТИ ҚАРЗИ АНДОЗҲО

**Мусаллам аст, ки рушди иқтисодиёти ҳар кишвар аз фаъолияти корхонаю ташкилот, дар маҷмӯъ андозсупорандагон вобастагии калон дорад. Фаъолияти аксари корхонаву ташкилотҳои кишвар самарабахш буда, онҳо дар пешрафти иқтисодиёти кишвар, ғановати буҷаи кишвар ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум саҳми худро мегузоранд.**



Аммо наметавонем гӯем, ки бо фаъолияти чанд корхона иқтисодиёти кишварро пурра таъмин намуда, буҷаи кишварро пур кардан мумкин аст. Яъне барои пур намудани хазинаи давлат ва рушди бемайлони иқтисодиёти кишвар ҳамаи корхонаҳо бояд саҳм гузоранд. Аммо корхонаву ташкилот ва муассисаву хоҷагиҳое низ фаъолият мекунанд, ки дар назди буҷети давлатӣ қарздор мебошанд. Яъне онҳо бақияи қарзи андоз доранд ва сарфи назар аз таъкиду супоришҳои пайвастаи роҳбарияти мақомоти андози кишвар, инчунин, татбиқи чораҳои кам кардан ва маҷбуран ситонидани андозҳо аз тарафи мақомоти андоз, сол то сол бақияи қарзи андози онҳо рӯ ба афзоиш ниҳода истодааст. Пардохти бақияи қарзи андоз гӯё дар гӯшаи хаёли масъулони ин корхонаҳо нест.

Бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1-уми апрели соли 2018-ум 805,4 миллион сомониро ташкил дода, нисбат ба 1-уми январи соли 2018 ба андозаи 34,3 миллион сомонӣ афзоиш ёфтааст, ки ин воқеан ҳам нигаронкунанда аст.

Ба хотири огоҳ шудан аз вазъи бақияи қарзи андоз ва муайян намудани сабабҳои афзоиши бақияи қарзи андоз дар минтақаҳои кишвар ҷониби ноҳияи Восеи вилояти Хатлон роҳ пеш гирифтем. Чунки давра ба давра афзоиш ёфтани бақияи қарзи андозҳо дар ин ноҳия боиси нигаронии роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида, тибқи маълумоти пешниҳодгардида ба ҳолати 1-уми майи соли 2018 маблағи бақияпулиҳои ноҳия тақрибан ба 9 436,2 сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба 1-уми январи соли 2018-ум 1 281,3 сомонӣ зиёд гардидааст.

Ҳамчунин, дар ноҳияи Восеъ ҳолатҳои саркашӣ аз пардохти андозҳо аз тарафи як қатор корхонаву ташкилотҳо ва соҳибкорони алоҳида ба назар мерасанд, ки ба таъмини иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ таъсири манфӣ расонида, сабабгори афзоиши қарзи андозҳо гардида истодаанд. Ислоҳи ҳолатҳои мазкур мусоидати бевосита ва дастгирии ҳамаҷонибаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро тақозо мекунад.

Тавре муовини сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ Абдуразоқ Абдураҳмонов дар суҳбат бо мо гуфт, корхонаҳое, ки аз андоз қарздоранд, асосан, муассисаҳои буҷетӣ ва кооперативу корхонаҳои истеҳсолӣ мебошанд. ҶДММ «Ёсамин 5» бақияи қарзи андозаш (то 1 апрели соли 2018) 4 822 290 сомонӣ, ҶСК ШХ «Самар» 1 080 793 сомонӣ, ҶДММ «Аурум-Ойл» 664 772 сомонӣ, ҶДММ «Файзи Шералӣ» 361 571 сомонӣ, ҶДММ «Субҳия» 674 274 сомонӣ, ҶДММ «Шаҳодат» 607 594 сомонӣ, ҶДММ «Давр» 981 741 сомонӣ, ҶДММ «Нушин 2011» 953943 сомонӣ, Корхонаи давлатии фаръии «Обу канализатсия»-и ноҳияи Восеъ 534 317 ҳазор сомонӣ (21.05.2018), ҶСП «Восеъ» 240 108 ҳазор ҳазор сомонӣ аз ҷумлаи корхонаҳое мебошанд, ки мутаассифона, бақияи қарзи андози аксарашон ба ҷои кам шудан афзуда истодааст. Аз ҷумла бақияи қарзи андози иҷтимоии муассисаҳои буҷетии ноҳияи Восеъ ташвишовартар шудааст. Маблағи умумии бақияи қарзи андози иҷтимоии ташкилотҳои буҷетӣ дар ноҳия ба ҳолати 1.04.2018 маблағи 3 448,1 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба 1.01.2018 141,7 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст, ки ин воқеан ҳам ташвишовар аст.

Ба хотири огоҳ шудан аз сабабу омилҳои зиёд шудани қарзи андозҳо ва роҳҳои ҳалли ин муаммо аз якчанд корхонаи ноҳияи мазкур дидан ва бо роҳбарияти корхонаҳо суҳбат намудем.

Сараввал мо аз Корхонаи давлатии фаръии «Обу канализатсия» - и ноҳияи Восеъ дидан намудем, ки тибқи иттилои нозироти андоз қарзи ин корхона ба ҳолати 21-уми майи соли 2018 ба 534 317 сомонӣ расидааст.

Дирекори корхона Сафар Мардонов сабаби аслии афзоиш ёфтани бақияи қарзи андозро аз бемасъулиятии кормандони пешинаи корхона унвон кард:

- Роҳбарони пешинаи корхона сари вақт маблағҳои андозро пардохт накардаанд ва дар натиҷа, корхона аз андоз қарздор гардидааст. Мо шабонарӯзи ба аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳо хизмат мерасонем, аммо онҳо ҳаққи хизмати моро пардохт намекунанд. Яке аз сабабҳои афзоиш ёфтани қарзи андоз ҳамин аст. Сабаби дигараш ин аст, ки чанде пештар корхонаи моро ду тақсим намуданд ва 200 ҳазор сомонии ин қарз ба «Идораи оби нӯшокии деҳот» тааллуқ дорад. Мо кӯшиш намудем, ки аз баланси худ ин қарзро барорем, аммо бенатиҷа анҷом ёфта истодааст. Илова бар он, агар шартномаҳоеро, ки мо бо корфармоён ба имзо расондаем, навобаста аз шакли моликияти корхонаҳо, ҳаққи хизматҳои расондаи моро пардохт кунанд, он гоҳ мо шояд тавонем, аз ҳамин ҳисоб зина ба зина қарзи андозро пардохт намоем. Яъне пӯшондани қарзи андози мо ба корфармоён вобастагии калон дорад, - илова намуд С. Мардонов…

Мавсуф илова намуд, ки ҳар моҳ маблағҳои ҷории андозро ба буҷет пардохт менамоянд. Аммо сарчашмаи иловагӣ надорем, ки қарзи андозҳоро пардохт намоем. Ин дар ҳолест, ки роҳбарони пешинаи корхона ҳар моҳ ҳамагӣ 2-3 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳоро пардохт мекарданд ва аз ҳамин ҳисоб корхона қарздор монд. Сармуҳосиби корхона, ки тӯли 5-6 сол мешавад дар ин корхона фаъолият менамояд, гуфт, ки мо аз моҳи январ то моҳи апрели соли 2018-ум ҳамагӣ 70 ҳазор сомонӣ ба буҷет андоз пардохт намудем. Мо корхонаи худмаблағгузор ҳастем ва кӯшиш мекунем, ки бо даст додани имконият қарзи андозро супорем. Дар замони Шӯравӣ 70 фоизи маблағи корхонаҳои коммуналиро давлат маблағгузорӣ мекард. Аммо имрӯз ин тавр нест. Дар семоҳаи аввали соли 2018 умуман аз Раёсати молияи ноҳия маблағҳое, ки дар ташкилотҳои буҷетӣ пешбинӣ шудааст ворид нагардид. Танҳо дар моҳи апрел 20 ҳазор сомонӣ ворид гардид, ки аз ин ҳам маблағи андозҳои ҷориро пардохт намудем.

Сармуҳосиби корхона гуфт, ки қарзи корхона аслан аз давраи соли 2013 ба миён омада, то инҷониб афзоиш ёфта истодааст.

Масъули нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ, ки моро ҳамроҳӣ мекард, гуфт, ки кӯшиш мекунем, ки ҳамеша чораҳои зарурииро андешем, то корхонаҳо қарзи андозашонро пӯшонанд. Аз ҷумла ба онҳо огоҳинома мефиристем, бо роҳи бастани суратҳисоб ҳабси амвол мекунем ва қазияҳояшонро ба суд мефиристем ва амсоли инҳо.

Яке аз қарздорони дигари ноҳияи Восеъ ҶСП «Восеъ» аст, ки тибқи иттилои Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ бақияи қарзи андози он ба ҳолати 1-уми апрели соли 2018 240108 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Сармуҳосиби корхонаи мазкур Пирназар Шарипов оид ба сабабу омилҳои пайдо шудани қарзи андозҳо ва роҳҳои ҳалли ин масъала қайд кард, ки яке аз сабабҳои пайдо гардидани бақияи қарзи андоз ин баланд гардидани қурби пулли хориҷӣ аст.

Номбурда гуфт, ки тӯли се сол аст, ки дар корхона тариқи шартнома кор мекунад ва маблағи қарзҳои бавуҷудомадаро давра ба давра ба буҷет пардохт намуда, истодааст. Танҳо дар соли 2017 342 ҳазор сомонӣ андозҳоро пардохт намудем. Айни замон, бақияи қарзи андозҳои ҶСП "Восеъ" дар назди буҷет 242 ҳазор сомониро ташкил медиҳад...

Он чизе, ки мо дар мақола овардем, оид ба бақияи қарзи андози ноҳияи Восеъ, қатрае аз баҳр аст. Умед мекунем, ки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия Восеъ дар мавриди пардохт намудан ё кам кардани бақияи қарзи андози корхонаю муассисаҳои буҷетӣ тадбирҳои ҷиддӣ меандешад.

**Мазҳаб ҶУМЪА,**
**Неъматулло НУРОВ,**
**ноҳияи Восеъ**

**МОҲИ МАЙ | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018**

## Apple ба Ирландия қисми аввали қарзи андозашро пардохт кард

**Комиссияи авпупоӣ чанде қабл имтиёзҳои аз тарафи ҳукумати Ирландия барои ширкат муқарраршударо ғайриқонунӣ эълон карда буд.**

Ширкати амрикоии Apple аз 13 миллиард еврои қарзи андоз қисми аввали онро дар ҳаҷми 1,5 миллиард евро ба буҷети Ирландия ворид кард.

«Вазири хароҷоти давлатӣ ва ислоҳот, вазири молия Паскал Донохю аз номи ҳукумат тасдиқ кардааст, ки воридоти қарзи андози ширкати Apple бо пардохт кардани 1,5 миллиард евро оғоз шудааст», - қайд шудааст дар пресс-релизи Комиссияи аврупоӣ.

Тавре гуфта мешавад, соли 2016 Комиссияи аврупоӣ имтиёзҳоеро, ки ҳукумати Ирландия барои ширкат муқаррар карда буд, ғайриқонунӣ эълон намуда буд.

**http://taxpravo.ru/novosti/page-2**



# Ҷамъоварии андозҳо

**Андози ягона дар ноҳияи Шаҳристон яке аз сарчашмаҳои воридоти маблағҳо ба ҳисоб меравад.**

Супорандагони андози ягона тибқи нишондоди моддаҳои 298 ва 299 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд. Ҳиссаи андози ягона аз ҳисоби кооперативҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ дар буҷети ноҳия беш аз 70 фисадро ташкил медиҳад. Баъдан, дигар намуди андозҳо, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда, андозҳо барои захираҳои табиӣ, андозҳои маҳаллӣ, низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент амалӣ менамоянд, низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ, андоз аз воситаҳои нақлиёт низ дар ғанӣ гардидани буҷети давлатии ноҳия нақши муассир доранд.

Бино ба маълумоти сардори Нозироти андози ноҳияи Шаҳристон Икром Ваҳҳобов нақшаи ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар ноҳия дар ҷамъбасти чор моҳи соли 2018 бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 114,6% фоиз ва дар маҷмуъ бо дарназардошти андози иҷтимоии буҷетӣ 110,5% таъмин гардидааст. Ба қисми даромади буҷети давлатӣ 4 миллиону 859 ҳазору 271 сомонӣ маблағ ворид шудааст, ки аз нақшаи пешбинишуда 463 ҳазору 179 сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра, нақшаи ҷамъоварии андоз аз арзиши иловашуда 286,5%, андозҳо барои захираҳои табиӣ - 153,0%, андозҳои маҳаллӣ - 137,8%, низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент амалӣ менамоянд - 109,3%, низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ - 114,0%, андоз аз воситаҳои нақлиёт - 166,5%, андоз аз амволи ғайриманқул - 113,9% ва ҷамъи андозҳо - 117,7% иҷро шудаанд.

Тавре муовини сардори Нозироти андози ноҳияи Шаҳристон  Аскар Мирзобеков гуфт, дар ин давра, ҳамчунин 10 санҷиши амалиётӣ гузаронида шуда, 5 ҳазору 576 сомонӣ маблағҳои барилова ҳисоб карда шудааст. Инчунин нисбати онҳое, ки ба қонунвайронкунии андоз роҳ додаанд ба маблағи 13 ҳазору 111 сомонӣ 10 протоколи ҳуқуқвайроникунӣ тартиб дода ва ин маблағҳо ба ҳисоби буҷети давлатӣ рӯёнида шудаанд.

Дар мавриди кам кардани бақияпулии андоз низ тадбирҳои амалӣ андешида шудаанд. Дар ин муддат ба 167 нафар андозсупорандагони қарздор ба маблағи 353 ҳазор сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол гардидааст. Аз ҳисоби огоҳиномаҳои додашуда 215 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи андоз рӯёнида шудааст. Ҷиҳати маҷбуран ситонидани қарзи андоз бошад 25 адад қарорҳои дахлдор ба маблағи 2 млн. 300 ҳазор сомонӣ қабул карда шуда, то ин дам 8-тои он баррасӣ гардидааст. Дигар қарорҳои қабулшуда дар марҳалаи баррасӣ қарор доранд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

**Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромад, дуруст ва пурра ба ҳисоб гирифтани объектҳои молу мулки манқул ва ғайриманқули шахсони воқеӣ, инчунин, оид ба саривақт ва дуруст дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дарҷ намудани маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 26.10.2017, №486-ро ба имзо расидааст.**

# ҲОЛАТИ ФАЪОЛИЯТИ ИҶОРАДИҲАНДАГОН

Тавре сардори шуъбаи ташкили андозбандӣ аз рӯи низомои махсус ва амволи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андоз Собир Исоев қайд намуд, бо мақсади иҷрои Фармоиши мазкур дар мақомоти андоз барномаи компютерии СИА “Доир ба маъмурикунонии андозҳо” таҳия ва мавриди истифода қарор дода шудааст. Мавсуф қайд намуд, ки барномаи мазкур аз ду қисмат, яъне қисмати андозсупоранда ва мақомоти андоз иборат мебошад. Тавассути барномаи компютерии мазкур андозсупорандагон, иҷорадиҳандагон имконият доранд дар шакли электронӣ молу мулки ба иҷорадодаи худро ба қайд гирифта, эъломияи андозро пешниҳод ва маблағи андозро пардохт намоянд. Ҳамзамон, барои андозсупорандагоне, ки чунин имкониятро надоранд, бақайдгирии объектҳои молу мулки ба иҷора додашуда аз ҷониби кормандони муттасадии мақомоти ҳудудии андоз сурат мегирад.



То давраи мавриди истифода қарор гирифтани барномаи компютерии СИА “Доир ба маъмурикунонии андозҳо” дар мақомоти ҳудудии андоз ба ҳолати 01.04.2018 шумораи иҷорадиҳандагони молу мулк 14395 ададро ташкил медод, ки аз ин шумора маълумоти 6776 адад ё 47,1 фоизи шумораи умумии онҳо ба махзани маълумот ворид карда шудааст.

Нишондиҳандаи рафти ворид намудани маълумот вобаста ба иҷорадаҳандагони молу мулк ба махзани маълумот мутаносибан дар вилояти Суғд 2075 адад ё 50,6 фоиз, вилояти Хатлон  1435 адад ё 55,5 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 112 адад ё 38,9 фоиз, шаҳри Душанбе 1714 адад ё 37,1 фоиз ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 1440 адад ё 51,4 фоизро ташкил медиҳад.

Мутаасифона бо вуҷуди таъкидҳои ҳамарӯзаи Кумитаи андоз рафти ворид намудани маълумот ба махзани маълумотҳо дар баъзе аз нозиротҳои андоз нокифоя буда, нишондиҳандаи онҳо дар муқоиса ба дигар ва шаҳру ноҳияҳо пасттар мебошанд. Инҳо шаҳру ноҳияҳои Конибодом (44,6 фоиз), Панҷакент (40,4 фоиз), Истаравшан (46,4 фоиз), Ашт (47,4 адад), Ҷ. Расулов (38,1 фоиз), Хуҷанд (36,3 фоиз), Бохтар (37,1 фоиз), Вахш (50,0 фоиз) Дӯстӣ (14,0 фоиз), Қубодиён (27,0 фоиз), Абдураҳмони Ҷомӣ (24,2 фоиз), Панҷ (42,9 фоиз) Шаҳритус (29,2 фоиз), Леваканд (38,2 фоиз), Восеъ (33,6 фоиз), Ҳамадонӣ (29,3 фоиз), ноҳияи Ванҷ (46,4 фоиз), Фирдавсӣ (36,0 фоиз) ва Сино (21,4 фоиз) Файзобод (45,9 фоиз), Роғун (48,5 фоиз), Рӯдакӣ (41,6 фоиз), Нуробод (41,2 фоиз), Рашт (40,3 фоиз), Ваҳдат (32,7 фоиз) мебошанд.

Аз тарафи Нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Хоруғ, Роштқалъа, Ишкошим ва Мурғоб то инҷониб ягон адад объектҳои молу мулки ба иҷора додашуда ба махзани маълумотҳо дохил карда нашудааст.

С. Исоев инчунин гуфт, ки аз шумораи умумии объектҳои ба барнома воридкардашуда то ин давра аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз эъломияи андоз аз даромади 784 адад ё 11,5 фоиз ба масоҳати 81984 м2 ба махзани маълумот ворид карда шудааст, ки маблағи умумии он 9065,4 ҳазор сомониро ташкил дода, маблағи андоз аз даромади ҳисобшуда аз ин ҳисоб ба 1134,8 ҳазор сомонӣ баробар мебошад.

Нишондиҳандаи рафти пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз даромад нисбат ба шумораи иҷорадиҳандагони молу мулки ба барнома воридкардашуда дар вилояти Суғд 127 адад ё 6,1 фоиз, дар вилояти Хатлон 361 адад ё 25,1 фоиз, дар ВМКБ 19 адад ё 16,9 фоиз, дар шаҳри Душанбе 784 адад ё 45,7 фоиз ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ,219 адад ё 15,2 фоиз мебошад.

Бинобар ин, раванди сифатнок ва пурра ба махзани маълумотҳо дохил намудани объектҳои молу мулки ба иҷорадодашуда дар оянда ба мақомоти андоз барои ташкили дурусти кор, инчунин дуруст ба роҳ мондани раванди маъмурикунонии андозбандии иҷорадиҳандагони молу мулк мусоидат намуда, то андозае пеши роҳи ба соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеиро мегирад.

**Неъматулло НУРОВ**

**МОҲИ МАЙ — АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА — СОЛИ 2018**



## ТРАМП ИМСОЛ НИЗ ДАР СОҲАИ АНДОЗҲО ЯК ҚАТОР НАВИГАРИҲО ҶОРӢ КАРДАНИСТ

*Тавре худи президент гуфтааст, тадбирҳои мазкур махсус хоҳанд буд*

Президент ИМА Доналд Трамп хабар додааст, ки барои коҳиш додани миқдори андозҳо дар кишвараш иқдоми наверо пеша карданист. Ташаббуси навашро, тавре худи президент гуфтааст, дар давраи интихоботи пешакии Конгресс татбиқ хоҳад кард.

«Мо ният дорем, ки барои коҳиш додани миқдори андозҳо тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоем», изҳор намудааст вай ва қайд кардааст, ки иқдоми мазкур хеле махсусиятҳо хоҳад дошт.

Трамп дар бораи ташаббусҳои навбатиаш васеътар сӯҳбат накарда, танҳо қайд кардааст, ки «тадбирҳои вай барои кишвараш корҳои калонро иҷро мекунанд».

**http://taxpravo.ru/novosti/page-2**

# АЗНАВБАҲИСОБГИРӢ

**Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 сентябри соли 2016, №970 с/х ва аз 31 январи соли 2018, №188, с/х Гурӯҳи корӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур сафарбар гардид.**



Тавре роҳбари Гурӯҳи корӣ – сардори шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур А. Нуриддинов изҳор намуд, сафарбарии гурӯҳ бо мақсади пурра аз нав ва дар сатҳи зарурӣ гузаронидани баҳисобгирии (инвентаризатсияи) молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва наклиёти шахсони воқеӣ, дохил намудани маълумот ба барномаи компютерӣ, инчунин, ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2017, №192 «Оиди баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва наклиёти шахсони воқеӣ» роҳандозӣ гардидааст.

Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияташ дар 563 ҳолат бо масоҳати умумии 278979,4 м$^2$ объекти амволи ғайриманқул ва 512772 м$^2$ қитъаи замини иловагӣ (аз ҷумла бе қайд ва ё фарқият дар масоҳати бақайдгирии молу мулки ғайриманқул)-ро муайян кард ва нисбати шахсони воқеию ҳуқуқӣ ба маблағи 1775,6 ҳазор сомонӣ андозҳои барилова ҳисоб намуд. Пардохти андозҳои барилова ҳисобшуда ба маблағи 1365,2 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин гардид. Аз шумораи объектҳои бақайдгирифташуда 22793 адади он ба махзани маълумотҳои барномаи компютерии СИА «Баҳисобгирии шахсони воқеӣ» дохил карда шудааст, ки 88,7 фоизи объектҳои баҳисобгирифташударо ташкил медиҳад.

Дар рафти фаъолияти Гурӯҳи корӣ, инчунин, 293 шахси воқеӣ, ки маблағи андози даромади онҳо дар як моҳ 183,2 ҳазор сомониро ташкил медод, ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулки ғайриманқул дар нозироти андоз ба қайд гирифта шуданд.

Гурӯҳи корӣ дар чор бинои навбунёди баландошёна низ, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ – 3, ки аз ҷониби КДММ «Сайёд» сохтаю ба истифода дода шудааст, азнавбақайдгирӣ гузаронид. Муайян шуд, ки бино 12 – ошёна буда, 122 ҳуҷраи истиқоматӣ дорад. Дар ошёнаи якуми бино маркази савдо ҷойгир шудааст. Масоҳати умумии бино 13156 м2 буда, аз он 960 м$^2$ маркази савдо ва 700 м$^2$ таҳхона будааст.

Роҳбари Гурӯҳи корӣ А. Нуриддинов гуфт, ки бо мақсади андозбандӣ ва дар барномаи компютерии СИА «Баҳисобгирии андозҳо шахсони воқеӣ» (Тафсири 3) дохил намудан, ба соҳибмулкон огоҳинома дода шудааст. Бо ҳозир шудани соҳибмулкон ба нозироти андоз 82 нафарашон дар барномаи компютерӣ дохил карда шуданду корҳо дар ин самт идома доранд.

Гурӯҳи корӣ дар як бинои навбунёд, дар кӯчаи Назаршоев- 80, ки соли 2015 мавриди истифода қарор гирифтааст, ҳангоми азнавбақайдгирӣ камбудиҳоро ошкор кард. Муайян шуд, ки бино 9 – ошёна буда, 70 ҳуҷраи истиқоматӣ ва дар ошёнаи якум маркази савдо дошта, масоҳати умумиаш 7390,3 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки дар рафти фаъолият 41 ҳуҷраи истиқоматии ин бино тахти азнавбақайдгирӣ қарор дода шудааст ва ҷиҳати пардохти маблағи андозҳо аз молу мулк ба аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуда, барои бақайдгирии пурраи объектҳо корҳо идома доранд.

А. Нуриддинов ёдрас намуд, ки дар натиҷаи гузаронидани азнавбақайдгирӣ дар бинои мазкур маркази савдо бо масоҳати 812,7 м$^2$ ба қайд гирифта ва маълумотҳои баҳисобгирифташуда ба махзани маълумотҳо дохил карда шуданд. Ҳамчунин, дар рафти фаъолият муайян шуд, ки соҳибмулк Ҳусайн Давлатшоев, ки аз соли 2015 инҷониб андозҳои молу мулки ғайриманқулро пардохт накардааст. Ӯ 40 ҳазор сомонӣ андоз аз молу мулки ғайриманқулро барои солҳои 2015 – 2018, ки Гурӯҳи корӣ нисбаташ ҳисоб кардаанд, ба буҷет пардохт намуд.

Дар натиҷаи гузаронидани баҳисобгирӣ дар фаъолияти ҶДММ «Озод Байналхалқӣ», воқеъ дар шоҳроҳи Душанбе – Ваҳдат, Гурӯҳи корӣ муайян кард, ки ин корхона эълиомияҳои андоз аз молу мулки ғайриманқул ва заминро ба нозироти андоз пешниҳод накардааст. Дар рафти амалиёт маълум гардид, ки сохтмони бино моҳи декабри соли 2017 ба анҷом расонида шудааст, аммо то инҷониб комиссияи давлатии қабули иншоотро нагузаштааст, вале аллакай, ҳуҷраҳо бегона шуда, дар он шаҳрвандон истиқомат карда истодаанд. Бояд қайд кард, ки тибқи талаботи Кодекси андоз аз лаҳзаи зиндагонӣ дар объект ухдадории пардохти андозҳо аз молу мулк ба миён меояд..

Масоҳати умумии амволи ин бино 3056,5 м$^2$ ва замин 10480 м$^2$-ро ташкил медиҳад, ки аз он дар 868,9 м$^2$ нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ бо ҷойгиркунии маркази савдо мебошад. Аз ҷониби Гурӯҳи корӣ нисбати ҷамъияти мазкур андоз аз молу мулки ғайриманқул барои соли 2018 ба маблағи 45, 3 ҳазор сомонӣ ҳисоб карда шуда, ки дар айни замон 7202 сомонӣ барои семоҳаи аввали соли ҷорӣ аз ҷониби ҷамъият ба буҷет пардохт гардид.

Қайд бояд кард, ки А.Нуриддинов, инчунин, аз камбудию қонунвайронкуниҳои дигар изҳори ташвиш намуд. Ӯ гуфт, ки шаҳрванд Меликҷон Меликов бинои хусусигардонидаи худро, воқеъ дар кӯчаи Назаршоев – 7 ба шахсони алоҳида ба иҷора дода, андоз аз амволи ғайриманқул ва заминро ба нозироти андоз бо нишондоди масоҳати умумии 2179,9 м$^2$ (амвол) ва 12850 м$^2$ (замин) пардохт кардааст. Аммо, тавре дар рафти азнавбақайдгирӣ муайян шуд, масоҳати аслии амволи мазкур 2762,07 м$^2$ будааст. Дар натиҷа, 582 м$^2$ масоҳати иловагӣ муайян гардид ва барои ин 9,0 ҳазор сомонӣ андоз аз молу мулки ғайриманқул ҳисоб карда шуд. Маблағи барилова ҳисобшуда пурра ба буҷет ворид гардидааст.

Ба ҳамин монанд, шаҳрванд Абдураҳим Раҳимов бинои хусусигардонидаашро (дар кӯчаи Назаршоев - 7) ба шахсони алоҳида ба иҷора дода, андоз аз амволи ғайриманқулро аз рӯи масоҳати умумии 5635,4 м$^2$ ва андозҳои аз молу мулкро ба буҷет пардохт кардааст. Чуноне ки дар рафти азнавченкунии бинои соҳибмулк маълум шуд, масоҳати аслии амволи мазкур 5980,8 м$^2$-ро ташкил медодааст. Яъне 345, 4м$^2$ масоҳати иловагӣ ошкор шуд. Дар натиҷа, 7,4 ҳазор сомонӣ андоз аз молу мулки ғайриманқул ҳисоб ва ба буҷет пардохт гардид.

Хулоса, тавре аз натиҷаи санҷишу таҳлилҳои Гурӯҳи корӣ бармеояд, қонунвайронкунии андоз, асосан, аз бемасъулиятии андозсупорандагон ба вуҷуд омадааст. Ин амал шаҳодат медиҳад, ки фарҳанги андозии баъзе шаҳрвандону андозсупорандагон ҳанӯз ҳам дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Аз ин рӯ, мебояд, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни андозсупорандагон хубтар ба роҳ монда шавад.

Дар робита ба ин, аз шаҳрвандон ва андозсупорандагон хоҳиш карда мешавад, ки объектҳои молу мулки худро дар мақомоти андоз ба қайд гирифта, андозҳои ҷории худро сари вақт пардохт намоянд, ба зиёдшавии бақияи қарзи андоз роҳ надода, барои гузаронидани азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулки худ монеъ нашаванд.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

## Муайян кардани манбаъҳои андозбандӣ

**Мутобиқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кормандони мақомоти ҳудудии андоз бо мақсади пурра ва дуруст ба ҳисоб гирифтани объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин, объектҳои ғайриманқул, воситаҳои наклиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва ташкил намудани Феҳристи ягонаи давлатии объектҳои молу мулки ғайриманқул ва дар ин асос муайян намудани манбаъҳои андозбандии андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андоз аз воситаҳои наклиёти шахсони воқеӣ имрӯзҳо дар ҳама шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд азнавбаҳисобгирии (инвентаризатсияи) пурраи объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин, объектҳои ғайриманқул, воситаҳои наклиёти шахсони воқеӣ гузаронида шуда истодааст.**

Мувофиқи маълумоти Нозироти андоз дар ноҳияи Айнӣ 16 ҳазору 696 адад амвол ва 16 ҳазору 231 адад қитъаи замин мавҷуд аст. Дар ҳашт ҷамоати деҳоти ноҳия молу мулки ғайриманқул ва қитъаи замин, дар маҷмӯъ, аз ҳама бештар дар ҷамоатҳои деҳоти Урметан 8570 адад, Айнӣ 6100 адад, Рарз 4406 адад, Фондарё 3820 адад, Дар-Дар 3208 адад ва Анзоб 3142 адад мебошанд. Аз шумораи умумии объектҳои мавҷуда дар ноҳия ба санаи 25-уми майи соли 2018-ум 11 ҳазору 504 адад молу мулки ғайриманқул, 11 ҳазору 67 адад қитъаи замин ба Барномаи СИА «Баҳисобгирии андозҳои шахсонӣ воқеӣ» дохил карда шудаанд.

Дар баробари азнавбаҳисобгирии биноҳо, иморатҳо, иншоотҳо ва молу мулки дигари ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои наклиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мутахассисони Нозироти андоз дар ноҳияи Айнӣ баҳри ба самъи аҳолӣ расонидани муҳимияти ин масъала ва дигар талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди андозбандии молу мулк ва замин дар якҷоягӣ бо раисон ва фаъолони ҷамоатҳо байни сокинон корбарӣ менамоянд. Ҳамчунин, ба шаҳрвандон оид ба дуруст ҳисоб ва пардохт намудани ин намуди андозҳо дастуру маслиҳатҳои ҳуқуқӣ дода мешаванд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# КОНСЕПСИЯИ ТАШАККУЛИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ –

## ДАСТУРАМАЛИ КОРИИ КОРМАНДОНИ НОЗИРОТИ АНДОЗ

**Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174 ва Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №468 таҳия гардидааст.**

Консепсияи мазкур мақсад ва афзалияти инкишофи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои ояндаи дарозмуҳлат, стратегияи амалиётро ҳангоми иҷро кардани дурнамо ва барномаҳо муайян мекунад.

Асоси ташаккули ҳукумати электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил шудан ба мақсадҳои ташаккули системаи ягонаи табодули иттилоотӣ бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва пайвастшавии доимӣ ба система ва шабакаҳои маҳдуди баҳисобгирии алоқаи ҳамаи истифодабарандагон, ҳавасмандкунии иқтисодии истифода аз Интернет ва технологияҳои муосири технологӣ ташкил медиҳад.

Дар нозироти андози шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон Консепсияи ташаккули ҳукумати электрониро чун дастурамали корӣ истифода карда, аз рӯи он корро хуб ба роҳ мондаанд.

Дар давоми чанд соли охир кормандони Нозиротҳои андоз дар вилояти Хатлон ба курсҳои махсус ва семинарҳои омӯзишӣ дар мавзӯи рушди ҳукумати электронӣ бештар ҷалб мегарданд. Махсусан, моҳи марти соли ҷорӣ дар шаҳри Бохтар семинар-машварат бо кормандони мақомоти қудратӣ ва кормандони мақомоти андоз барпо гардид.

Мақсади баргузории семинари номбурда баланд бардоштани фаҳмиш ва дониши иштирокчиён оид ба ҳукумати электронӣ мебошад. Дар семинар гуфта шуд, ки иҷрои ҳадафҳои ҳукумати электронӣ ба ҳалли вазифаҳои рушд ва истифодаи васеи васоити таъмини дастрасии шаҳрвандон ва муассисаҳо аз маҳалҳои дур ба иттилоот дар бораи фаъолият, бартараф намудани «нобаробарии рақамӣ», ки яке аз вазифаҳои марказии таъмини самаранокии ҳукумати электронӣ буда, аз тариқи рушди ТИК – инфрасохтор (рушди шабакаҳои алоқаи ҳудудӣ, баланд бардоштани сифати алоқа, компютеркунонии аҳолӣ, рушди Интернет дар қаламрави кишвар) амалӣ карда мешавад, мусоидат менамояд.

Масъулони Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар қайд карданд, ки пас аз иштирок дар семинар-машварат корбарӣ, маълумотнокӣ ва фаъолияти кормандони нозироти андоз то андозае баланд гардидааст.

- Кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар аз қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Рушди ҳукумати электронӣ» ва Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ ба хуби бархӯрдор буда, ба ин масъала диққати ҷиддӣ медиҳанд. Бо ҳамин сабаб нозироти андоз бо 8 камераи мушоҳидавӣ, 26 компютери корӣ, хати пайвасти доимӣ бо Интернет, кортҳои пластикӣ, сканер, ксерокопия, факс ва дигар таҷҳизоти электронӣ таъмин гардидааст, - гуфт – сармуҳосиби Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар Бобоҷон Розиқов.

Б.Розиқов илова намуд, ки дар асоси нақшаи Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар моҳе як маротиба вобаста ба омӯзиши қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳукумати электронӣ ва Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ семинари якрӯзаи омӯзишӣ бо кормандони нозироти андоз гузаронида мешавад. Тадбири мазкур дар самти боз ҳам беҳтар гардидани донишу фаҳмиши кормандони андоз оид ба ҳукумати электронӣ мусоидат карда метавонад.

**Суҳроби РУСТАМ,**
**шаҳри Бохтар**

**Яке аз масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти мақомоти андоз баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва пайваста беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Татбиқи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз ва муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар–машварату вохӯриҳо ва таҳияи намоишҳо бояд самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монда, ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.**

**Бо мақсади аз наздик ошноӣ пайдо намудан аз вазъи кунунии гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо шаҳрвандону андозсупорандагон бо муовини сардори Нозироти андоз дар шаҳри Норак Эмомалӣ Табаров ҳамсуҳбат гаштем.**

# РОБИТА

## БО АНДОЗСУПОРАНДАГОН



Мавсуф нахуст гуфт, ки мақсад аз гузаронидани семинар-машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, пеш аз ҳама, сари вақт ошно кардани онҳо бо тағйиру иловаҳое, ки ба қонунгузории андоз, аз ҷумла Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудааст, мебошад. Ғайр аз ин, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ имконият медиҳад, ки давра ба давра фарҳанги андозсупории андозсупорандагон баланд бардошта шавад. Ҳамзамон, гузаронидани семинар-машварату вохӯриҳо шароит фароҳам меоварад, ки андозсупорандагон фаъолияти худро дар доираи қонунгузории андоз ба роҳ монанд ва бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз ва дахолати нозири андоз уҳдадориҳои худро иҷро намоянд.

- Таҷриба ва таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти кормандони мақомоти андоз собит намудааст, ки беҳтар гардонидани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, мақсаднок ва бо тайёрии комил анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар-машваратҳо, вохӯрию суҳбатҳо ва таҳияи намоишҳо яке аз самтҳои афзалиятноки такмили фарҳанги андозсупорандагон ва баланд бардоштани дониши ҳуқуқии онҳо маҳсуб мееёбад. Дар ин замина, тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 12.07.2017, таҳти №316 “Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон” дар таҳрири нав қабул гардид, ки 28 намуди хизматрасониҳое, ки амалан аз ҷониби мақомоти андоз анҷом меёфту вале дар Стандартҳо дарҷ нагардида буд, ба он ворид карда шуданд. Ин имкон фароҳам овард, ки тарғибу ташвиқи қонуниятҳои андоз аз назари ҳамкориҳои дуҷониба миёни кормандони мақомоти андозу андозсупорандагон боз ҳам қавитару саҳеҳтар сурат бигирад, - иброз медорад Эмомалӣ Табаров.

Аз Э.Табаров пурсидем, ки аз аввали сол то ин вақт чӣ қадар семинар-машварату вохӯриҳо аз ҷониби нозироти андоз бо андозсупорандагон гузаронида шудааст ва онҳо кадом мавзӯъҳоро дарбар мегиранд?

Гуфт: - Баргузории семинар-машваратҳо метавонанд дар пешрафт гардидани фаъолияти андозсупорандагони шаҳр мусоидат кунанд. Зеро андозсупорандагон бо иштироки фаъолонаашон дар вохӯрию семинар-машваратҳои аз ҷониби кормандони мақомоти андоз доирмешуда, аз меъёрҳои андоз ва қоидаҳои андозбандӣ ва умуман, мафҳуму моҳияти Кодекси андоз, қоидаҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра ошноӣ пайдо мекунанд. Бамаврид аст зикр кунем, ки аз аввали сол то инҷониб дар ҳудуди бозорҳои “Сайёра” ва “Сомониён”, маркази савдои “Марям”, ҶСК “ЗТТМ”, ҶДММ “Анорбоғ”, маркази савдои “Ҳоҷӣ Давлат” ва ҷамоатҳои деҳоти “Пули сангин” ва “Дӯконӣ” бо иштироки кормандони мақомоти андоз ва соҳибкорон чандин маротиба семинар-машварат баргузор шуданд.

Чунин семинар-машваратҳо, асосан, ба мавзӯъҳои “Кодекси андози Ҷумҳурии Точикистон дар таҳрири нав”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид шудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Точикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва мавзӯъҳои дигари марбута бахшида шудаанд.

Оид ба таваҷҷуҳи андозсупорандагон ба семинар-машвартҳои аз ҷониби нозироти андоз гузаронидамешуда мавсуф гуфт, ки имрӯз андозсупорандагон ба суҳбату вохӯрӣ ва семинар-машваратҳо диққати ҷиддӣ медиҳанд.

– Мо пеш аз ҳама, мавзӯъҳоеро интихоб мекунем, ки барои пешрафти кори андозсупорандагон зарур аст. Ғайр аз ин, тамоми тағйиру иловаҳое, ки ба қонунгузории андоз ворид мегардаду барои фаъолияти соҳибкорӣ имтиёзу сабукиҳои андозиро фароҳам месозад, сари вақт ба самъи онҳо мерасонем. Аз ин хотир, андозсупорандагон дар вохӯрию семинарҳо бо майлу хоҳиши том ҷамъ омада, дар муҳокимаи ин ё он мавзӯъ фаъолона иштирок мекунанд. Бояд бигӯям, ки ҳар вохӯрии мегузаронидаи мо чунин сурат бигирад, он гоҳ мо низ аз кори худ қаноатманд мегардем, зеро яқин мешавад, ки бар ҳадафҳои дарпешгузоштаи худ расидаем.

Тавре маълум аст, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба таври замонавӣ ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, инчунин сарфа намудани вақти андозсупорандагон, бо истифода аз технологияи иттилоотии муосир шароит фароҳам овардааст, ки шаҳрвандон аз хизматрасониҳои мақомоти андоз, тавассути Бахши иттилоотӣ (Контакт – сентр), рақамҳои телефонии 151 ва 152); сомонаи Кумитаи андоз (http://andoz.tj); почтаи электронӣ (info@andoz.tj) бемонеа истифода намоянд. Ғайр аз ин, андозсупорандагон метавонанд дар ҳолати амали (беамалии) кормандони мақомоти андоз ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз (Контакт-сентр) бо рақами содакардашудаи 151 муроҷиат кунанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**
**шаҳри Норак**

# ЧОРАҲОИ СУДМАНД

**Дар вилояти Хатлон бақияи қарзи андозҳо то андозае кам шуда бошад ҳам, ин масъала ҳанӯз чун доғи рӯз боқӣ мондааст.**



Аз ин хотир баҳри кам намудан ва пешгирии ҳолатҳои зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо, шумораи андозсупорандагони қарздор ва таъмини иҷрои қарорҳои дар ин самти фаъолият қабулгардида пайваста чораҳо андешида мешавад, вале он натиҷаи самарабахш надода истодааст. Ин аст, ки ба ҳолати 1 майи соли 2018 бақияи қарзи андозҳо дар миқёси вилоят, дар маҷмӯъ, 179,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли равон ба маблағи 4,6 млн. сомонӣ кам карда шудааст.

Бақияи қарзи андози иҷтимоӣ 69,4 млн. сомонӣ, аз он ҷумла буҷетӣ маблағи 7,8 млн. сомонӣ ва ғайрибуҷетӣ 61,6 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли равон 1,4 млн. сомонӣ (буҷетӣ 751,6 ҳазор сомонӣ ва ғайрибуҷетӣ 694,4 ҳазор сомонӣ) зиёд мебошад. Шумораи андозсупорандагони қарздор ба ҳолати 1 майи соли ҷорӣ 20024 адад (шахсони ҳуқуқӣ 4177 адад ва соҳибкорони инфиродӣ 15847 адад)-ро дар бар гирифта, нисбат ба аввали сол ба миқдори 6123 адад кам гардидааст.

Бо мақсади рӯёнидани бақияи қарзи андозҳо дар давоми 4 моҳи соли равон ба 6802 адад андозсупорандаи қарздор оид ба пардохти қарзи андозҳо ба маблағи умумии 119 млн. сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 33,9 млн. сомонӣ ворид карда шудааст. Инчунин, тариқи ғайрисудии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар давоми 4 моҳи сипаригардидаи соли ҷорӣ дар сатҳи вилоят нисбати андозсупорандагони қарздор ба маблағи умумии 44,4 млн. сомонӣ 582 адад қарор қабул гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 16,2 млн. сомонӣ ворид карда шудааст, ки ин 36,4%-и маблағи қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии 582 адад қарори қабулгардида иҷрои 323 адади он пурра таъмин гардидааст, ки ба 55,5%-и шумораи умумии қарорҳо рост меояд.

Ҳамзамон, аз ҳисоби 260 адад қарори қабулгардидаи соли 2017 ба маблағи умумии 47,8 млн. сомонӣ, ки иҷрои онҳо то ҳол идома дорад, дар соли 2017 ба маблағи 12,1 млн. сомонӣ ва дар 4 моҳи сипаригардидаи соли 2018 ба маблағи 6,7 млн. сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст, ки ин 40%-и маблағи умумии қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии 260 адад қарорҳои мазкур танҳо иҷрои 48 адади он пурра таъмин гардидааст халос.

Ҳамин тариқ, дар миқёси вилоят дар 4 моҳи сипаригардидаи соли 2018 тибқи тартиби ғайрисудии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби қарорҳои иҷронагардидаи соли 2017 ва қарорҳои дар соли 2018 қабулгардида ҳамагӣ ба маблағи умумии 22,9 млн. сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки қарорҳои қабулгардида, аслан, нисбати хоҷагиҳои кишоварзӣ зиёдтар қабул карда шудааст ва яке аз сабабҳои бе иҷро боқӣ мондани ин қарорҳо дар он мебошад, ки аз ҷониби комиссияҳои таҷдиди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо заминҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ дар асоси қарорҳои дахлдори раисони шаҳру ноҳияҳо таҷдид ва ба дигар нафарон тақсим карда шудаанд. Ҳангоми тақсимоти заминҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ моликияти дар тавозуни онҳо қарордоштаро пурра тақсим намуда, вале ҷиҳати тақсимоти маблағи қарзи андозҳо, умуман чораҷӯӣ карда нашудааст, ки ин ҳолат боиси зиёдшавӣ ва пардохт нагардидани бақияи қарзи андозҳо гардидааст.

Новобаста аз чораҳои андешидашуда ва сарфи назар аз мушкилоти ҷойдошта Раёсати андоз дар доираи ҳуқуқу ваколатҳои худ баҳри пешгирии ҳолатҳои пайдоиш ва зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо, кам намудани шумораи андозсупорандагони қарздор ва таъмини иҷрои қарорҳои қабулгардида дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо тамоми чораҳои иловагиро меандешад, то ки ягон андозсупорандаи қарздор аз чораҷӯӣ дар канор намонад.

Дар ин самт мо бо андозсупорандагони қарздор вохӯриҳо гузаронида, ба онҳо корҳои тарғиботиву фаҳмондадиҳӣ мегузаронем. Кӯшиш мекунем, ки маърифати андозсупорандагон баланд гардида, уҳдадориҳояшонро дар назди буҷет софдилона иҷро намоянд.

**Ш. САФАРЗОДА,**

**сардори шуъбаи ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Хатлон**

**Дар давоми 4 моҳи аввали соли 2018-ум тибқи нақшаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти андозсупорандагони шаҳри Кӯлоб 68 адад мошинҳои назоратӣ–хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-дорои ТИЭ) бояд насб карда мешуд. Мутаассифона, он ҳамчун яке аз масъалаҳои доғ ва ҳалношуда боқӣ мондааст. Ин ҳам дар ҳолест, ки истифодаи МНХ яке аз воситаҳои асосии муайян кардани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, истифодаи он ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пулӣ нақд, тибқи моддаи 38-39-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи он ҳатмӣ мебошад.**

# ВАЗЪИ НОГУВОР

Тавре аз Нозироти андози шаҳри Кӯлоб, иттилоъ доданд, дар ин давра дар фаъолияти 15 андозсупорандае, ки аз МНХ истифода накардаанд, хариди назоратӣ ба маблағи 34000 гузаронида шудааст. Барои мисол, дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Шарифов П, ки ба хариду фурӯши доруворӣ машғул мебошад, хариди назоратӣ гузаронида, барои вайрон кардани талаботи қонунгузори андоз нисбати номбурда, тибқи дастрасии моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4000 сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд. Дар фаъолияти ҶДММ «Ориён Рустам» (коргоҳи ҳасиббарории шаҳри Кӯлоб), ки роҳбариашро Қаюмов Д. ба зимма дорад, хариди назоратӣ гузаронида, барои дуруст истифода накардани МНХ дорои ТИЭ тибқи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷкистон нисбаташ ба маблағи 2000 сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд. Ба ҳамин монанд, соҳибкори инфиродӣ Сафаров Ф, ки ба фурӯши сӯзишворӣ машғул аст, барои истифода накардани МНХ тибқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ ҷаримабандӣ шуд ва маблағи мазкур пурра ба буҷет ворид гардидааст. Ҳамчунин, дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Сафаров Н, ки ба фурӯши хӯрокворӣ ва молҳои саноатӣ машғул буд, хариди назоратӣ барои дуруст истифода накардани МНХ дорои ТИЭ гузаронида шуд ва нисбати ӯ ба маблағи 2000 сомонӣ тибқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки кормандони мақомоти андози шаҳри Кӯлоб дар самти ситонидани маблағи қарзи андозҳо нисбати қонунвайронкунандагон чораҳои заруриро андешида истодаанд. Ин аст, ки дар 4 моҳи аввали соли 2018 барои риоя накардани талаботи Кодекси андози ҷумҳурӣ ба маблағи 6800 сомонӣ аз ҳисоби андозсупорандагон ба буҷет ворид гардидааст.

Чунин қонунвайронкуниҳо дар самти истифода накардани МНХ–и дорои ТИЭ натанҳо дар 4-моҳаи аввали соли 2018, балки соли 2017 низ чунин мушкилот дар шаҳри Кӯлоб вуҷуд дошт. Бо мақсади муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда дар соли сипаригардида аз ҷониби кормандони мақомоти андози шаҳри Кӯлоб дар фаъолияти 66 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд. Нисбати 39 андозсупорандаи дигар барои дуруст истифода набурдани МНХ дорои хотираи фискалӣ хариди назоратӣ анҷом дода ва 39 адад протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 127,0 ҳазор сомонӣ татбиқ гардид.

**И. РАҶАБАЛӢ,**

**шаҳри Кӯлоб**

**МОҲИ МАЙ | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018**

## БА ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ МОШИН ДАР МОСКВА ИМТИЁЗ ДОДА МЕШАВАД



**Онҳоро аз андози молу мулк озод карда, меъёри андоз аз фоидаро 12,5% муқаррар менамоянд.**

Мири шаҳри Москва Сергей Собянин ба Думаи давлатии шаҳри Москва лоиҳаи қонунеро пешниҳод кардааст, ки тибқи он корхонаҳои автомобилистеҳсолкунии Москва аз андози молу мулк озод карда мешаванд.

Тавре дар ҳукумати шаҳри Москва гуфтаанд, мақсаднокии чунин тадбир аз он иборат аст, ки бо ҳамин восита дар ҳудуди шаҳри Москва саноати муосири автомобилсозӣ рушд карда, ба соҳа инвеститсияҳо ҷалб гарданд.

Ба корхонаҳое бештар бартарӣ дода мешавад, ки онҳо барои худи шаҳри Москва автомобил истеҳсол мекунанд.

**http://taxpravo.ru**

# ДОИР БА АНДОЗИ ЗАМИН БАРОИ ҚИТЪАҲОИ НАЗДИҲАВЛИГӢ

## ТАРТИБИ ҲИСОБ ВА ПАРДОХТИ АНДОЗИ ЗАМИН АЗ ҶУМЛА, БАРОИ ҚИТЪАҲОИ ЗАМИНҲОИ НАЗДИҲАВЛИГӢ!

**Шаҳрвандони муҳтарам!**

***Доир ба андози замин, аз ҷумла барои қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ мехоҳед маълумот дошта бошед, пас дар хотир доред:***

Супорандаи андози замин аз ҷумла, барои қитъаҳои наздиҳавлигӣ – шахсоне ба ҳисоб мераванд, ки қитъаҳои замин ба онҳо барои истифодаи якумраи меросӣ, бемуҳлат, муҳлатнок ё ба иҷора дода шудаанд, ё шахсоне, ки воқеан қитъаҳои заминро истифода менамоянд.

Ба объекти андози замин дохил мешаванд, заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин бо дарназардошти сифат, баҳои кадастрии замин, таъйиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин.

***Дар хотир бояд дошт, ки агар замин бе истифода монад ҳам, андози замин бояд ҳисоб ва пардохт карда шавад.***

Зеро маблағи андози замин ба натиҷаи фаъолияти хоҷагидории истифодабарандаи замин вобаста набуда, дар шакли пардохтҳои устувор барои воҳиди масоҳати замин барои ҳар як соли ҳисоботӣ муқаррар карда мешавад.

***Шаҳрвандони гиромӣ, донистан мехоҳед, ки манбаъ ва меъёрҳои андози замин чӣ хел муайян карда мешаванд, пас дар хотир бояд дошт:***

➢ манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин вобаста ба масоҳати қитъаи замини дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замини истифодабарандаи замин пешбинигардида ё масоҳати қитъаи замине, ки ӯ амалан истифода мекунад (дар ихтиёр дорад), мебошад;

➢ меъёрҳои андози замин барои ҳар як гектари замин дар миқёси вилоятҳо ва шаҳрҳо (ноҳияҳо) дар алоҳидагӣ барои ҳар сол муайян карда мешавад;

➢ бо дарназардошти минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои замин, аз ҷумла заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои зери ҷангалзор ва буттазорҳои маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои истифодаи кишоварзӣ ҳар 5 сол муқаррар карда мешаванд.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол меъёрҳои андози заминро дар асоси сатҳи таваррум дар соли гузаштаи андоз, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи омор муайян карда мешавад, индексатсия менамоянд, ки вобаста ба он меъёри андози замин кам ва ё зиёд карда мешавад.

Тартиби ҳисоб намудани маблағи андози замин барои қитъаҳои наздиҳавлигӣ низ, тибқи тартиби муайянгардида вобаста ба ҳаҷми қитъаи замин, ки ба истифодабарандаи замин вобаста карда шудааст, анҷом дода мешавад.



Танҳо бояд дар ёд дошт, ки ҳисоб намудани маблағи андози замин барои қитъаҳои наздиҳавлигӣ бо тартиби зерин вобаста ба ҳаҷми қитъаи замин, ки ба истифодабарандаи замин вобаста карда шудааст, анҷом дода мешавад:

➢ то 800 метри мураббаъ – тибқи меъёрҳои муқарраргардида;

➢ зиёда аз 800 метри мураббаъ то 2000 метри мураббаъ – маблағи андоз, ки тибқи зербанди а) ҳисоб шудааст, ҷамъи маблағи бо дарназардошти меъёри 2-каратаи андоз ҳисобшуда, барои майдоне, ки аз 800 метри мураббаъ зиёд аст;

➢ беш аз 2000 метри мураббаъ – маблағи андозе, ки тибқи зербанди б) ҳисоб карда шудааст, ҷамъи маблағи бо дарназардошти меъёри 5-каратаи андоз ҳисобшуда барои майдоне, ки аз 2000 метри мураббаъ зиёд аст.

Меъёрҳои андози замин дар шаҳру шаҳракҳо ва ноҳияҳо (бо ҳисоби сомонӣ аз як гектар) барои соли 2018 дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда шудааст: http://andoz.tj/index.php/tj/meyori-zamin)

**Мисол:** Шаҳрванд Ҳ.Абдувализода дар ш.Душанбе хонаи истиқоматии дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷойгиршударо соҳибӣ дорад, ки масоҳати он 2200 м$^2$-ро ташкил медиҳад.

Андоз аз замини қитъаи наздиҳавлигии шаҳрванд Ҳ.Абдувализода, бо чунин тарз ҳисоб карда мешавад:

➢ 1 гектар замин баробар ба 10 000 м$^2$ аст.

➢ меъёри андози замин дар ш.Душанбе барои 1 гектар замин барои соли 2018 баробар ба 956,70 сомонӣ мебошад.

***Шаҳрвандони муҳтарам, моро зарур аст, ҳангоми ҳисоб намудани андози замин пеш аз ҳама, меъёри андози заминро барои 1 м$^2$ муайян намоем, яъне дар мисоли мазкур:***

➢ *956,70/10000=0,09567 дирам андози замин барои 1 м$^2$;*

➢ *ҳисобкунии маблағи андози замин то 800 м$^2$:*

*1) 800*0,09567 дирам=76,536 сомонӣ.*

➢ *Ҳисобкунии маблағи андози замини майдони зиёда аз 800 м$^2$ то 2000 м$^2$:*

*1) 2000 -800 =1200 м$^2$;*

*2) 1200 м$^2$ * 0,099567 дирам)*2=229,608 сомонӣ.*

➢ *Ҳисобкунии маблағи андози замини майдони зиёда аз 2000 м$^2$:*

*1) 2200 м$^2$ – 2000 м$^2$ = 200 м$^2$;*

*2) (200 м$^2$ * 0,09567 дирам) *5=95,67 сомонӣ.*

Ҷамъи маблағи андози ҳисобшуда барои қитъаи замини наздиҳавлигии шаҳрванд Ҳ. Абдувализод дар соли 2018 маблағӣ 401,8 сомониро ташкил медиҳад.

Шаҳрвандони муҳтарам, дар хотир доред баъд аз ҳисоб кардани маблағи андози замин барои қитъаҳои заминҳои назди ҳавлигии худ, метавонед бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз, тавассути нуқтаҳои ваколатдори бонки «Амонатбонк» маблағи андозро пардохт намоед.

***Ҳатман расиди пардохти андози замин барои қитъаҳои назди ҳавлигиро барои тасдиқот бо худ нигоҳ доред!***

### ИМТИЁЗҲО
(ДАР ҚИСМИ ҒАЙРИДАВЛАТӢ)

**Аз супоридани андози замин инҳо озод мебошанд:**

- заминҳои барои истифода гирифташуда, ки мутобиқи хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба заминсозӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ вайроншуда (рекултиватсия талабкунанда) эътироф шудаанд ва заминҳое, ки дар зинаи азхудкунии кишоварзӣ мебошанд, дар давоми 5 сол баъди гирифтани (оғози азхудкунии) чунин заминҳо;
- заминҳои истифодаи умумии маҳалҳои аҳолинишин ва хоҷагиҳои коммуналӣ, аз ҷумла ташкилотҳои динӣ, қабристонҳо, агар дар чунин заминҳо фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода нашавад;
- заминҳои захираи озоди давлатӣ, инчунин заминҳое, ки дар зери пиряххо, ярҷҳо, дарёҳо ва кӯлҳо воқеъ мебошанд, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;
-заминҳои ташкилотҳое, ки на камтар аз 50 фоизи кормандони онҳоро маъюбон ташкил медиҳанд;
- як қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва қитъаи замине, ки барои сохтмони манзил ба ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда ҷудо гардидаанд;
- қитъаҳои замини наздиҳавлигие, ки ба муҳоҷирони аз дигар ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зисти доимӣ ба ноҳияҳои муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омада ҷудо карда шудаанд, дар давоми 3 сол баъд аз ҷудо намудани чунин заминҳо;
- қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба муаллимони дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва духтурони дар муассисаҳои тиббии деҳот коркунанда ҷудо карда шудаанд, дар давраи кори онҳо дар чунин муассисаҳо;
- заминҳое, ки бевосита барои мақсадҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин озмоиши навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, дарахтҳои ороишӣ ва мевадиҳанда аз ҷониби ташкилотҳои илмӣ, хоҷагиҳои таҷрибавӣ ва илмию озмоишӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таълимии самтҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал тибқи масоҳати замин ва мутобиқи номгӯи истифодабарандагони замин, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, истифода мегарданд;
- қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил дар ҳолати мавҷуд набудани аъзои оилаи қобили меҳнат ба ҳамаи гурӯҳи маъюбони бекор ҷудо карда шудааст;
- замини чарогоҳҳо, алафзорҳо, бешаҳо ва дигар заминҳои қаблан дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифодашаванда, ки барои бунёди боғҳо ва токзорҳо истифода мешаванд, дар давоми 5 сол аз соли оғози бунёди ин боғҳо ва токзорҳо.

## СУПОРИДАНИ АНДОЗ ВА ПАРДОХТҲО, КИ ҚОНУН МУАЙЯН КАРДААСТ, ҲАТМИСТ.

*(моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон)*

МОҲИ МАЙ | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018

# AMAZON БО МАҚОМОТИ АНДОЗИ ФАРОНСА СОЗИШНОМА БА ИМЗО РАСОНД

**Ширкати амрикоии интернет-савдои Amazon хабар дод, ки бо мақомоти андози Фаронса созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расондааст.**

Соли 2012 ҳукумати Фаронса филиали дар ин кишварбудаи ширкати Амазонро дар бораи пардохт кардани 200 миллион евро қарзи андози солҳои 2006-2010 уҳдадор карда буд. Маблағи мазкур дар замимаи ҳисоботи молиявии ширкат, ки ба комиссияи оид ба коғазҳои қимматнок ва биржаҳои ИМА пешниҳод мегардад, нишон дода шудааст.

Рӯнамоии ҳукумати Фаронса ба «тақсимоти даромадҳо» байни сохторҳои гуногуни хориҷии ташкилот дахл дорад. Дар ширкат ҳамон вақт қайд карда буданд, ки ҳамаи фаъолияти тиҷоратии он аз Люксембург назорат карда мешавад.

**http://taxpravo.ru/novosti/page-2**



# МАКТУБҲОИ ТАВЗЕҲОТӢ ЧӢ ГУНА АМАЛӢ МЕШАВАНД?

Аз интишор ёфтани Мактуби тавзеҳотии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 11282/13.1 – “д” аз 23 августи соли 2017 “Оид ба андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ” беш аз нуҳ моҳ сипарӣ гардид. Дар мактуб омадааст, ки “Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамояд, ки сарфи назар аз муҳокимаҳо ва вазифагузориҳои пайваста дар ҷаласаҳои ҳайати Мушовараи Кумитаи андоз, ҷаласаҳои алоҳида ва баррасии чандинкаратаи масъалаи дар эъломияҳои андоз дуруст (пурра) нишон додани шумораи воқеии коргарони кироя, пурра нишон додани музди меҳнати онҳо, ба расмият даровардани шартномаи меҳнатӣ, тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра зиёд намудани музди меҳнат ва тақвият бахшидан ба сари вақт ҷамъоварӣ намудани андози иҷтимоӣ, назорати риояи қонунгузории андоз дар мавриди истифода аз кори кироя ғайриқаноатбахш буда, нишондиҳандаҳои дар эъломияҳо пешниҳоднамудаи субъектҳои хоҷагидор воқеиятро дуруст инъикос наменамоянд”.

Дар ҳақиқат, тайи солҳои охир, чуноне ки корҳои назоратии мақомоти андоз собит менамоянд, новобаста аз равнақ ёфтани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти қонунгузории андоз субъектҳои зиёди хоҷагидор бо мақсади пинҳон намудани манбаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, ки музди меҳнат ба ҳисоб меравад, музди меҳнатро ба кормандони кироя ғайрирасмӣ пардохт менамоянд ва ҳатто дар ҳисоботи андозӣ ҳаҷми музди меҳнатро аз андозаи ҳадди ақали музди меҳнат дар ҳама соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06. 06. 2016, № 697 аз 1 июли соли 2016 ба андозаи 400 сомонӣ муқаррар гардидааст, камтар нишон дода, дар ҳолатҳои дигар, шумораи кормандони кирояи воқеан истифодашавандаи худро дар эъломияҳои андоз пурра нишон намедиҳанд.

Бо мақсади аз наздик ошно шудан ба ҳолати кунунии амалан иҷро шудани талаботи мактуби мазкур дар маҳалҳо мо ба Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат омадем ва иҷрои мактуби мазкурро аз мутахассисони мақомоти ҳудудии андоз пурсон шудем. Зимни суҳбат сардори Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат Шералӣ Собирзода иброз намуд, ки Мактуби тавзеҳотии Кумитаи андоз “Оид ба андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ” дар мадди назари масъулини нозироти андоз қарор дорад. Оид ба ошкор намудани қонунвайронкуниҳо дар ин самт мақомоти ҳудудии андоз як қатор корҳои назоратиро анҷом додааст, ки онҳо натиҷаҳои мусбӣ ба бор овардаанд. Масалан, чанде қабл ҳангоми азназаргузаронии маълумоти дар ҳисоботи тариқи почтаи электронӣ пешниҳоднамудаи ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “Хоҷӣ Маҳмуд” муайян гардид, ки мавсуф дар асоси иқтибоси худ ба фаъолияти харид ва фурӯши сӯзишворӣ машғул шудааст. Мутобиқи талаботи моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупоранда ӯҳдадор аст мувофиқи тартиби муқарраргардида баҳисобгирии даромадҳо (хароҷот)-и худ, объектҳои андозбандӣ ва ё объектҳои ба андозбандӣ алоқамандро мутобиқи қонунгузории андоз ба ҳисоб гирад.

Ҳангоми таҳлили фаъолияти ҶДММ “ Хоҷӣ Маҳмуд” нисбати ҳисоботи муҳосибии пешниҳоднамудаи корхона шубҳа пайдо гардида, ҳолатҳои қонунвайронкунӣ муайян карда шуд. Нишондиҳандаҳои эъломияҳои пешниҳоднамудаи ҷамъият тавассути барномаҳои компютерӣ нишон дод, ки дар соли 2017 музди меҳнати миёнаи ба кормандон пардохтшуда аз ҷониби ҷамъият барои як моҳ 800 сомониро ташкил додааст. Ҳол он ки тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати номиналии миёнаи моҳонаи коргарони кироя дар самти воридот ва хариду фурӯши сӯзишворӣ дар соли сипаришудаи 2017 маблағи 1168 сомониро ташкил медиҳад.



Ҳамчунин, дар асоси нишондиҳандаҳои эъломияҳои пешниҳоднамудаи дигар андозсупорандагон, ки намудҳои шабеҳи фаъолиятро амалӣ менамоянд, музди меҳнати миёнаи коргарони кироя корхонаву ташкилотҳое, ки ба воридот ва хариду фурӯши сӯзишворӣ машғул мебошанд, дар шаҳри Ваҳдат ба ҳисоби миёна зиёда аз 1084 сомониро ташкил медиҳад. Аз ин хотир Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат дар асоси талаботи моддаҳои 97, 99, 103, 214, 216 ва 218-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ҶДММ “Хоҷӣ Маҳмуд” назорати камералӣ гузаронид. Муайян шуд, ки дар давраи аз 01.01. 2017 то 01. 02. 2018 ҳангоми пешниҳоди эъломияҳои андоз ҷамъият фонди музди меҳнатро 35200 сомонӣ дарҷ намуда, аз ин ҳисоб 8800 сомонӣ андози иҷтимоӣ, 4195 сомонӣ андози даромадро ба буҷет ҳисоб ва пардохт намудааст.

Мутобиқ ба натиҷаи назорати камералии гузаронидашуда, фарқият дар манбаи андоз, яъне фонди музди меҳнат 16192 сомониро ташкил менамояд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло назорати камералӣ муқаррар намуд, ки маблағи илова ҳисобшавандаи андози иҷтимоӣ 4048 сомонӣ (16192*25%) ва андози даромад аз шахсони воқеӣ 2105 сомониро (16192*13%) ташкил менамояд. Дар натиҷа, нисбати ҷамъият 6153 сомонӣ маблағҳои бариловаи андози даромад ва андози иҷтимоӣ ҳисоб карда шуда, ба буҷа пардохт карда шуд.

Мутобиқ ба муқаррароти банди 4 қисми 3 моддаи 22, моддаи 37 ва қисми 4-и моддаи 65 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи ҳисоботи (эъломияҳои) андоз ва дигар маълумоти ба Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат пешниҳоднамудаи соҳибкори инфиродӣ Шарифзода Фаридун Иззатулло зарурати гузаронидани назорати камералиро барои давраҳои аз 01.10.2017 то 31.03.2018 ба миён овард.

Тибқи маълумоти иқтибос аз феҳрести ягонаи давлатӣ соҳибкори инфиродӣ Наимҷон Маҳмадаминов ба фаъолияти корҳои сохтмонӣ машғул буда, кормандони кирояро дар фаъолияти хеш истифода кардааст. Мутаассифона, соҳибкор Н. Маҳмадаминов ҳангоми пешниҳоди эъломияҳои андоз тавассути почтаи электронӣ дар ҳисобу пардохти андози иҷтимоӣ 25 % ва андози даромад 13 % ҳангоми пардохти музди меҳнати кормандони кироя ба таҳрифкорӣ роҳ дода, маблағи андозҳои номбурдаро ба пурраги пардохт накардааст. Аз ин рӯ, дар рафти назорати камералӣ муайян шуд, ки мавсуф дар ин давра аз ҳисоби музди меҳнат ба маблағи 17272 сомонӣ андози иҷтимоӣ ва 6728 сомонӣ андози даромади шахсони воқеиро пинҳон карда, бо ин амали номатлуби хеш қонунгузории андозро вайрон намудааст.

Хулоса, аз 01. 09. 2017 то 25. 05. 2018 мутахассисони Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат дар фаъолияти беш аз 40 нафар соҳибкори ҳуқуқию инфиродӣ дар самти пардохти андози иҷтимоӣ ва андози даромад қонунвайронкуниҳоро ошкор сохтанд. Аз ҷумла дар фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ Шералӣ Ашуралиев ба маблағи 40000 сомонӣ, Султон Пиров 30000 сомонӣ, Наимҷон Маҳмадаминов 24000 сомонӣ, ҶДММ “Ёқут 2000” ба маблағи 207466 сомонӣ, ҶДММ “Хушрӯз” 85722 сомонӣ, ҶДММ “Шаҳром И К” 40256 сомонӣ маблағҳои аз ҳисоби музди меҳнат пинҳонкардаро ошкор намуданд. Музди меҳнати илова ошкоргардида, дар маҷмӯъ, аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ ба маблағи 374553 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 4 380 756 сомониро ташкил дод, ки аз ин манбаъ аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ 149285 сомонӣ ва аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 1 671 084 сомонӣ маблағҳои бариловаи андоз ҳисоб ва ба буҷа пардохт карда шуд. Айни замон дар нозироти андоз дар шаҳр корҳои назоратӣ ва фаҳмондадиҳӣ идома дорад.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА**

## ЭЪЛОН

### АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии ҳолатҳои аз тарафи кормандони мақомоти андоз аз субъектҳои хоҷагидор беасос талаб намудани пешпардохти маблағи андозҳо, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки аз пардохти маблағи андозҳои аз ӯҳдадории давраи ҳисоботӣ зиёд худдорӣ намоед.

Бинобар ин, хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати муайян намудани дурустии ӯҳдадориҳои андозӣ доштан барои ҳар як давраи ҳисоботӣ, тибқи муқаррароти моддаи 19 Кодекси андоз бо мақомоти андози маҳалли қайди худ пайваста санади муқоисавӣ тартиб диҳед.

Дар сурати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз риоя нагардидани талаботи мазкур, шумо метавонед бо рақами телефонии содакардашудаи 151 ва ё хаттӣ ба Кумитаи андоз муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ОБЪЯВЛЕНИЕ

### УВАЖАЕМЫЕ НАЛОГОПЛАТЕЛЬЩИКИ!

Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан в целях предотвращение необоснованных требований сотрудников налоговых органов об предварительной оплате налогов с налогоплательщиков, за исключением случаев предусмотренных Налоговым кодексом Республики Таджикистан, убедительно просит Вас воздержаться от уплаты излишних налогов текущего периода.

В связи с этим, в соответствии с положениями статьи 19 Налогового кодекса просим вас в целях определения правильности налоговых обязательств в каждом налоговом периоде, постоянно осуществлять налоговые акты сверки с налоговыми органами по месту налоговой регистрации.

В случае несоблюдения настоящих требований со стороны сотрудников налоговых органов, можете обращаться в Контакт – центр Налогового Комитета по телефонному номеру 151 или письменно.

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи шумо мерасонад, ки пас аз ҳисоб намудани маблағи андозҳо метавонед ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, тавассути нуқтаҳои ваколатдори Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» маблағи андози дахлдорро ба буҷет пардохт намоед ва расиди маблағи пардохтшударо, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунанда, бо худ нигоҳ доред.

***Ёдрас мешавем, ки дар сурати ба шахси дигар додани маблағи андоз эҳтимолияти пардохт накардани андозҳо ва боиси дар назди буҷет қарздор мондани шумо мегардад.***

# МУХОЛИФАТИ ИСЛОМ БО ЭКСТРЕМИЗМУ ТЕРРОРИЗМ

Дар асоси оёти сареҳи қуръонӣ ва аҳодиси саҳеҳи набавӣ, дини мубини ислом дини раҳмату муҳаббат, сулҳу ваҳдат, суботу амният ва бародарию ҳамзистии осоишта байни инсонҳо буда, ҳама гуна зуҳуроти номатлуб ва харобиовар, хусусан падидаҳои хонумонсӯзи экстремизм ва терроризмро дар ҳар шаклу навъ қатъиян маҳкум менамояд. Ҳамчунонки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон таъкид намудаанд:

Ба номи дини мубини ислом анҷом додани амалҳои террористиву ифротгароӣ имрӯз ба як зуҳуроти бисёр нангин ва ташвишовар мубаддал гардидааст.

Назари қотеъонаи мо ин аст, ки ислом набояд бо ғаразҳои сиёсӣ омехта карда шавад. Ислом дини мо, эътиқоди мо ва манбаи покизагии ҳаёти мо мебошад. Ислом бояд барои ташаккули рӯҳи инсон ва покизагии рӯзгори ӯ хизмат намояд».

Дар ин замина уламои босалоҳияти исломӣ ва пешвоёну ходимони динӣ, бо тамоми қотеъият ва якдилона дар нишасту ҳамоишҳои сатҳи ҷаҳонӣ, эълон намудаанд, ки гурӯҳҳои ифротии тундрав, ки бо сӯиистифода аз номи мубораки ислом амалҳои тафриқаангезу харобиовар, аз ҷумла амалҳои террористӣ анҷом медиҳанд, ҳаргиз намояндагони ислом набуданд ва нестанд. Аз ин рӯ, лозим аст, оммаи мусулмонон ва тамоми башарият моҳияти комилан ғайриисломӣ, балки моҳияти зиддиисломии ин гурӯҳҳои ҷинояткорро дуруст шиносанд. Пешвои миллат моҳияти чунин гурӯҳҳои зиддидинӣ ва зиддиинсониро ба таври равшану возеҳ чунин баён кардаанд:

«Ҳарчанд ки дар даҳҳо оятҳои каломи раббониву ҳадисҳо саодат, хушбахтӣ ва адлу оромииҳаёти инсонӣ таъкид шудааст, баъзе гурӯҳҳо аз мусулмонони олам ба ҷойи ҳалли масъалаву мушкилоти зиндагиашон ва кӯшиш ба сӯйи пешрафту тараққиёт бо дастони хеш ҳаёташонро вазнинтар мекунанд ва кишварҳояшонро ба майдони ҷангу ноороми ҳо ва ихтилофҳои мазҳабӣ табдил дода, худро бозичаи дасти душманони хориҷӣ мегардонанд ва ба афзоиши рӯҳияи исломситезӣ ва бадбинии мусулмонон мусоидат мекунанд».

Мувофиқи таълимоти исломӣ, тарғиби ғояҳои сулҳу субот, дӯстиву мурувват, некиву накӯкорӣ, хайру саховат, ҳамзистии мусолиматомез ва ҳамраъйиву ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа аз вазифа ва масъулиятҳои асосии усулии исломӣ ва ходимонӣ динӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ, зиндагии осоишта ва ваҳдати мардуми мусулмонро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, мусулмонон набояд дар байни худ ба ихтилофоти ақидатӣ ва сиёсӣ, барангехтани фитнаҳои нажодӣ, қавмӣ ва мазҳабӣ роҳ диҳанд, балки бо эҳтиром ба якдигар ва парҳез аз баҳсу мунокиша дар мавриди ихтилоф, густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва бисёрсамтӣ барои таъмини амнияти на танҳо давлатҳои худ, балки амнияти сайёраи Замин ва пешрафту тараққиёти минбаъдаи он талош варзанд.

Мусулмонони ҷаҳон ҳуқуқ доранд дар доираи қавонини байналмилалӣ аз арзишҳо, озодиҳо ва ҳаққи машрӯъи худ ҳимоя кунанд. Дар айни замон, мусулмонон бояд бар зидди ҳама гуна терроризми фардӣ ё гурӯҳӣ ё давлатӣ, ки тавассути бархе аз давлатҳо сармоягузорӣ, мусаллаҳсозӣ ва таҳти ҳимоят қарор мегиранд, ба ном ҳомии ислом ва дар асл зидди онанд, мубориза ва муқовимати фарогирро ба роҳ монанд.

Имрӯз дар кишварҳои гуногуни исломӣ низоъ ва мухолифатҳои қавмӣ, гурӯҳӣ ва мазҳабӣ идома дошта, минтақаҳои мусулмоннишин дар маркази танишҳои ҷаҳонӣ қарор гирифтаанд. Дар натиҷа, ҳар рӯз дар ин сарзаминҳо садҳо нафар мардуми бегуноҳи осоишта кушта, захмӣ, асир ё гуреза мешаванд. Аз ин рӯ, шиноҳтан ва қадр кардани неъмати тинҷию амонӣ барои ҳар як фарди огоҳу масъулиятшиноси кишвари азизамон лозиму воҷиб ва қарзи шаҳрвандӣ мебошад.

**Маъруф ШОНАСУРДИНОВ,**
**мудири бахши таҳсилоти динии Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Манбаъ: http://din.tj/?q=node/859**

# ДАСТГИРИИ ЗАНОНИ СОҲИБКОР

**29-уми майи соли 2018 бо ташабуси Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи «Баҳодиҳии эҳтиёҷоти донишу малака ва шуғли занон дар соҳибкорӣ ва баланд бардоштани иқтидор барои пешбурди соҳибкории занон дар ноҳияҳои мақсадноки Тоҷикистон» мизи гирд баргузор гардид.**



Дар ҳамоиш намояндагони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудирони шуъбаи кор бо занон ва оилаи шаҳру ноҳияхои кишвар, роҳбарони ташилотҳои ҷамъиятӣ, соҳибкорзанон ва дигар намояндагони расмӣ ширкат ва суханронӣ намуданд.

Роҳбари Ассоситасияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон Малика Мирзобаҳодурова зимни суханронии хеш қайд намуд, ки мақсади лоиҳаи мазкур паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар кардани зиндагии мардум тариқи пешбурди савдо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо аст. Мақсади асосии он мусоидат намудан ба рушди захираҳои фардӣ ба воситаи савдо бо дарназардошти маҷмӯи вазифаҳои бобарии гендерӣ, таъмини ҳуқуқҳои гурӯҳҳои осебпазирӣ ҷомеа ва устувории экологӣ мебошад.

Ӯ гуфт, ки онҳо ҳамаи фаъолиятҳои худро дар ҳамкории зич бо шарикони рушд амалӣ менамояд ва яке аз ҳамкорони онҳо ин Барномаи рушди СММ мебошад, ки солҳои пеш ҳам барои муайян намудани мушкилоти занони соҳибкор ва барои баланд бардоштани иқтидори онҳо кӯмак намуд буд.

Намояндаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Солеҳзода қайд намуд, ки яке аз ҳадафҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ин дастгирии соҳибкорон аст ва дар ин самт онҳо кӯшиш намуда истодаанд, ки ба қонунгузории соҳибкорӣ сабукиҳо пешбинӣ намоянд. Ба гуфтаи ӯ, аз ҳамин сабаб дар сомонаи www.ijozat.tj ҳамаи санадҳои ҳуқуқии соҳаи дастгирии соҳибкорӣ ва пешбурди низоми иҷозатномадиҳӣ ҷой дода шудааст, ки соҳибкорон метавонанд озодона аз он истифода намоянд. Бевосита ҳар як соҳибкор бояд пеш ҳама дониш ва малакаи хуби соҳавӣ дошта бошад ва дар баробари ин аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ огоҳ бошад.

Гуфта шуд, ки лоиҳаи Баҳодиҳии эҳтиёҷоти донишу малака ва шуғли занон дар соҳибкорӣ ва баланд бардоштани иқтидор барои пешбурди соҳибкории занон дар ноҳияҳои мақсадноки Тоҷикистон аз чор зина иборат мебошад.

- муайян намудани эҳтиёҷоти гурӯҳҳои мақсаднок тариқи баргузории воҳӯриҳо;

- дар асоси таҳлили ин воҳӯриҳо, омода кардани барномаи омӯзишӣ;

- ҷалби як қатор бизнес-мушовирон барои муҳокима;

- омода намудани чор бизнес-нақша ва аз ҷониби шарикон амалӣ намудани онҳо.

Баъдан, қисми аввали лоиҳа, ки аз воҳӯриҳо бо занони соҳибкор иборат буд, ба ҳозирин намоиш дода шуда, қайд гардид, ки дар ин воҳӯриҳо 130 зани соҳибкор фаъолона ширкат намуда, оид ба дастгирӣ, мушкилот, муаммо ва роҳҳои ҳалли мушкилоти вобаста ба соҳибкорӣ маълумот доданд. Ҳар як самти фаъолияти соҳибкорӣ дар диаграмаҳои алоҳида намоиш дода шуда, қайд гардид, ки дар баробари дигар мушкилиҳо соҳибкорзанон доир ба масъалаи андозу андозбандӣ низ маълумоти кофӣ надоранд.

Қайд гардид, ки дар оянда Ассоситасияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон ният дорад, ки бо намояндагони мақомоти андоз оид ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ мизҳои гирд ташкил намуда, занон ва бонувони соҳибкорро дар мавриди андоз ва андозбандӣ огоҳ намоянд.

Қайд гардид, ки ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд дарк намояд, ки супоридани андоз қарзи шаҳрвандии ӯ аст. Аммо, мутаассифона, дар бештари ҳолатҳо занони соҳибкор намедонанд, ки чӣ гуна андоз ва аз кадом намуди андозҳоро пардохт намоянд.

Дар охир, фикру мулоҳизаи соҳибкорзанон оид ба масъалаи оғоз намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар паҳлӯҳои вобаста ба он шинида шуд

**М. ҶУМЪА**

## ДИҚҚАТ, МУЗОЯДА!

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон музоядаи №1-ро эълон менамояд.**

Ба тавассуҷҷуҳи хоҳишмандон расонида мешавад, ки молу мулки ҶДММ «Некрӯз-2016», аз ҷумла тахтаҳои гуногунҳаҷми истеҳсоли Руссия, ки айни замон дар ноҳияи Спитамени вилояти Суғд нигоҳ дошта шудаанд, ба фурӯш гузошта мешавад.

Хоҳишмандон бо пардохти 5 фоиз маблағи пардохти кафолатӣ аз нархи ибтидоии молу мулки ба фурӯш гузошташуда дар музояда иштирок карда метавонанд.

Пардохти маблағи кафолатии ғолиби музояда ба нархи фурӯши молу мулк дохил карда мешавад.

Музояда 11 июни соли 2018, соати 10:00, дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, баргузор мешавад.

Музояда бо усули англисӣ сурат мегирад.

**Номгӯи молу мулки тахти ҳабс қарордошта:**

| № | Номгӯи молу мулк | Соли барориш | Шумора | Нархи ибтидоии фурӯш, дар асоси хулосаи КДФҶ «Суғднархгузор» |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тахтаи дарозиаш 6-метра | 2018 | 120 м$^3$ | 1 м$^3$ бо нархи 1700 сомонӣ |
| 2 | Тахтаи дарозиаш 4-метра | 2018 | | 1м$^3$ бо нархи 1600 сомонӣ |

**Телефонҳо барои тамос: 2-33-09-30**

## ДИҚҚАТ, МУЗОЯДА!

**Нозироти андозсупорандагони калони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон музоядаи №4-ро тибқи тартиби "англисӣ" баргузор менамояд. Дар музояда воситаҳои асосӣ ва иншоотҳои ҶДММ "Сатурн онлайн"-и шаҳри Душанбе ба фурӯш гузошта мешавад.**

Хотиррасон менамоем, ки молу мулки ҶДММ "Сатурн онлайн"-и шаҳри Душанбе дар асоси Қарори Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №8-5-55 аз 13 марти соли 2017 ба ҳабс гирифта шуда, барои рӯёнидани бақияи қарзи андоз ба фурӯш бароварда мешавад. Музояда 12 июни соли 2018 соати 11:00 дар бинои Нозироти андозсупорандагони калони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, суроға: шаҳри Душанбе, маҳаллаи 82 барпо мегардад.

Иштирокчиёни музояда ӯҳдадоранд дар ҳаҷми 5% арзиши амволи бафурӯшгузошташуда ба Комиссияи музоядаи мақомоти андоз пардохти кафолатнок супоранд. Бақайдгирии иштирокчиён аз лаҳзаи интишор ёфтани хабари мазкур то соати 09:00-и 12 июни соли 2018 дар суроғаи номбурда гузаронида мешавад.

**Барои маълумоти иловагӣ бо телефони 2-35-00-10 ё ин, ки 2-35-74-80 ба Шӯъбаи Нозироти андозсупорандагони калони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат карда метавонед.**

## ДИҚҚАТ, МУЗОЯДА!

**Шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд музоядаи №1-ро дар бораи фурӯши молу мулки АИИ ба номи «Р. Набиев»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров эълон менамояд:**

**Фурӯши № 1**

*1. Бинои АТС, клуб ва бинои ёрирасон, таҳкурсии бетонӣ, деворҳо хишти пухта, соли барориашаш 1978, масоҳати умумиаш 220 м2,*
*2. Таҳхона, таҳкурсӣ ва деворҳои бетонӣ*
*3. Мумфарши назди бино*
*4. 35 метр панҷараи аҳанин бо таҳкурсии бетонӣ*
*5. 10 бех ниҳоли гелос*
*6. 4 бех ниҳоли олуча*
*7. 11 бех ниҳоли арча бо арзиши ибтидоии 40 6000 сомонӣ*

Музояда санаи 14 июни соли 2018 соати 09:00 дар бинои шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд, суроға шаҳри Хуҷанд кӯчаи А.Шукӯҳӣ-9 А, барпо гардида, бо усули англисӣ гузаронида мешавад.

Иштирокчиёни музояда ӯҳдадоранд дар ҳаҷми 5 фоиз аз арзиши амволи ба фурӯш гузошташуда ба Комиссияи музоядаи мақомоти андоз пардохти кафолатнок супоранд. Бақайдгирии иштирокчиён аз лаҳзаи интишор ёфтани хабари мазкур то соати 09:00-и санаи 14 июни соли 2018 дар суроғаи баргузоршавии музояда гузаронида мешавад.

Хотиррасон менамоем, ки амволи мазкур дар асоси Қарори Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.10.2015 тахти №8-5-269 ба ҳабс гирифта шуда, бо мақсади рӯёнидани маблағи қарзи андозҳои АИИ ба номи «Р.Набиев» ба фурӯш бароварда мешавад.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ бо телефонҳои (83422) 6-10-22, 91-592-44-44, 98-725-74-34 ба кормандони шӯъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд занг занед.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ Филиали ҶДММ «Ганҷ» воқеъ дар ноҳияи Ванҷ (РМА 710001310) барҳам мехӯрад.

■ Ташкилоти ҷамъиятии Кумитаи волидайн ва мураббиёни боғчаи махсуси №151 (РМА 030013140) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Аҷам» (РЯМ 1610004532) воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, барҳам мехӯрад.

■ КФД «Кино ва видеои ноҳияи Рашт» (РЯМ 0810004434) воқеъ дар ноҳияи Рашт, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Саховат» (РМА 050003268) воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Суфиён» (РЯМ 1910000254) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Т-Тел» (РЯМ 1910005827) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Таманно. С.Х.» (РЯМ 4210001373) воқеъ дар ноҳияи Н.Хусрав, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «ДЕКОР-СТРОЙ» (РЯМ 0310014146) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Ҳотамбек» (РЯМ 3810000398) воқеъ дар ноҳияи Шаҳритус, барҳам мехӯрад.

■ Ташкилоти ҷамъиятии Ассотсиатсияи волидон ва омӯзгорони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 11-и шаҳри Кӯлоб, ки дар Раёсати адлияи вилояти Хатлон тахти рақами ИҶ: 275 аз 1 июли соли 2009 ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Доро Ойл» (РЯМ 3710002551) воқеъ дар ноҳияи Панҷ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Шербобо» (РЯМ 3510000267) воқеъ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Хазрат» (РЯМ 0310014678) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи истеҳсолии «Ҳоҷӣ Розиқ» (РЯМ 6210003617) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Ассия» (РЯМ 1810007265) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Исоев Ҷумахон (РЯМ 0331232495) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сафаров Раҳимҷон (РЯМ 0330011505) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Насридинов Мирзомудин (РЯМ 0331235997) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Қурбонова Зайнура (0331329968) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарофов Хусен (РЯМ 0331328663) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сулаймони Ҳалимзода (РЯМ 1930025292) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳалимов Сулаймон (РЯМ 1930017495) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Абдуназар» (РЯМ 2930071229) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## ДИҚҚАТ, МУЗОЯДА!

**Нозироти андозсупорандагони калони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон музоядаи №1-ро тариқи тартиби "англисӣ" баргузор менамояд. Дар музояда воситаҳои асосӣ ва иншооти зерини ҶСП "Сомон-Таҷҳизот"-и шаҳри Душанбе ба фурӯш гузошта мешавад:**

*1. Бинои №37, масоҳати умумиаш 1950,0 метри мураббаъ, соли бунёд шуданаш 1967, нархи ибтидоӣ - 3 088 800 сомонӣ.*

*2. Бинои №38, масоҳати умумиаш 7800,0 метри мураббаъ, соли бунёд шуданаш 1967, нархи ибтидоӣ - 12 355 200 сомонӣ.*

*3. Бинои иловагии №38, масоҳати умумиаш 5200,0 метри мураббаъ, соли бунёд шуданаш 1967, нархи ибтидоӣ – 8 236 800 сомонӣ.*

Хотиррасон менамоем, ки молу мулки мазкур дар асоси Қарори Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №8-5-55 аз 13 марти соли 2017 ба ҳабс гирифта шуда, барои рӯёнидани бақияи қарзи андоз ба фурӯш бароварда мешавад. Музояда 12 июни соли 2018 соати 10:00 дар бинои Нозироти андозсупорандагони калони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, суроға - шаҳри Душанбе, маҳаллаи 82 барпо мегардад.

Иштирокчиёни музояда ӯҳдадоранд дар ҳаҷми 5% арзиши амволи бафурӯшгузошташуда ба Комиссияи музоядаи мақомоти андоз пардохти кафолатнок супоранд. Бақайдгирии иштирокчиён аз лаҳзаи интишор ёфтани хабари мазкур то соати 09:00-и 12 июни соли 2018 дар суроғаи номбурда гузаронида мешавад.

**Барои маълумоти иловагӣ бо телефони 2-35-00-10 ё ин, ки 2-35-74-80 ба шӯъбаи Нозироти андозсупорандагони калони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат карда метавонед.**

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Азиза» (РЯМ 4230004195) аз ноҳияи Н.Хусрав, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Саидова Раҷабгул (РЯМ 3530020524) аз ноҳияи А.Ҷомӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сафаров Исломиддин (РЯМ 3530008451) аз ноҳияи А.Ҷомӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шакиров Илҳомиддин (РЯМ 2830091092) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Умаров Мамуржон (РЯМ 2830104109) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Алиев Азим (РЯМ 2830074198) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Зокиров Аваз (РЯМ 2830110104) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муродов Фариддун (РЯМ 2830069037) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Собиров Нурулло (РЯМ 3830040436) аз ноҳияи Шаҳритус, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипова Санифа (РЯМ 2930054729) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳмонов Маҳмудҷон (РЯМ 3430032925) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Одиназода Икромҷон (РЯМ 0530192475) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қурбонов Гулмурод (РЯМ 0530168064) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Фозилов Зуҳур (РЯМ 0230014492) аз ноҳияи Исмоил Сомонӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Холиқов Акмал (РЯМ 6230049458) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Азимов Ҳасан (РЯМ 6230095484) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Рустамов Раҳматулло (РЯМ 3030039889) аз ноҳияи Дӯстӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Азимова Гулдаста (РЯМ 0530048558) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

# АЗ ҲАР ХУСУС

## АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Ҳамин тавр, истисмор таввассути андоз хеле сахт буд. Вазнинии андоз дар замони ҷангҳо боз ҳам меафзуд, чунки айни як андоз ду се бор ҷамъ оварда мешуд ва андозҳои нав маъмул мегардиданд. Золимони асосӣ омилони андоз буданд, ки худсарона, барои фоидаи хеш меъёри андозро зиёд мекарданд. Бо вуҷуди ин, дар замони Темур ва Темуриён кӯшишҳои ба меъёри муайян даровардани андоз, аниқу собит нигоҳ доштани ҳаҷми он, пешгирии худсариву соҳибихтиёрии омилони андоз ба назар мерасид.

Дар замони Темуриён одати суюрғол – бахшҳои (инъом)-ҳои замин ривоҷ ёфт. Суюрғол дар асри XV ягона навъи инъоми ҳаҷман муқарраргардида ба ҳисоб намерафт. Ба ҳайси суюрғол баъзан як деҳа, баъзан як вилоят дода мешуд. Баъзан суюрғолро рӯҳониён низ мегирифтанд. Умуман, ин истилоҳест, ки ҳар як бахшишу инъом – ҳатто як туҳфаи арзишдорро бо он ифода менамоянд. Захираҳои заминҳои мулки мутааллиқи феодалҳо ва рӯҳониён хеле зиёд буданд. Манбаъҳои таърихӣ ашхоси зиёдеро ном бурдаанд, ки дар ҳаҷми ҳангуфт соҳиби замин буданд ва ин дороии онҳо рӯ ба афзоиш дошт. Яке аз ин қабил ашхос Хоҷа Аҳрор буд. Ба вай 1300 қитъаи замин дар гӯшаҳои гуногуни Осиёи Миёна тааллуқ доштанд Заминҳои Хоҷа Аҳрор на қитъаҳои хурд, балки заминҳои нопайдоканор буданд. Ушронае (андози замин ба миқдори 0,1 ҳиссаи ҳосил), ки Хоҷа Аҳрор аз заминҳои дар як худи вилояти Самарқанд доштааш ба давлат мепардохт, баробари 80 ҳазор ман буд. Агар як манро 20 кг ҳисоб кунем, ин миқдор ба 1600 тонна ғалла баробар хоҳад шуд. Аз ин бармеояд, ки қисми асосии рента (андоз)-и ин заминҳо ба фоидаи Хоҷа Аҳрор аз рӯи ҳисоби камтарин (агар қисми асосии рентаи замин 0,3 ҳиссаи ҳосил дониста шавад) беш аз 0,2 ҳиссаи ҳосил, яъне 3200 тонна ғалла хоҳад шуд.

Аз рентаи заминҳои мулк фақат як ҳиссааш ба давлат тааллуқ дошт. Аммо дар асри XV аксари заминҳои мулки феодалони ашрофӣ ва рӯҳониён аз чунин уҳдадорӣ, яъне аз пардохти як ҳиссаи рента ба хазинаи ҳукумати марказӣ озод карда шуд.

Дар замони ҳукмронии Шайбониён дар Осиёи Миёна замин аз рӯи ҳуқуқи моликият ба 5 категория тақсим мешуд. Забткориҳои Шайбониён дар ин ҷиҳат ягон дигаргунии ҷиддие ба миён наовард. Мисли пештара заминҳои давлатӣ заминҳои калонтарин ба шумор мерафтанд ва он захираи асосӣ, вале на ягонаи мулки инъомӣ, яъне заминҳои шартии феодалиро ташкил мекард. Навигарӣ ин буд, ки акнун заминҳои давлатӣ ба таври табиӣ аз нав тақсим карда мешуданд. Дар асри XVI соҳибони асосии заминҳои инъомии давлатӣ гурӯҳи дигари феодалон – аъзои сершумори хонадони салтанатӣ ва табақаи болои бо Шайбониён омадаи қабилаҳои саҳронишини ӯзбек гардиданд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ**
**«Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Андозҳои НОМАЪМУЛ

### АНДОЗ БАРОИ ДАНДОНҲО

Дар империяи Усмонӣ мардуми камбизоат як замоне барои дандонҳо андоз пардохт менамуданд, вале андози мазкур барои дандонҳои одамони сарватманд пешбинӣ мешуд. Мансабдорон, ки мудом аз ҳисоби маҳсулоти мардуми маҳаллӣ мезистанд, баъзан вақт аз сифати пасти маҳсулот шикоят менамуданд, зеро маҳсулот дандони мансабдоронро хароб мекард. Бинобар ҳамин барои расонидани кӯмаки стоматологӣ ба мансабдорон аз одамони камбизоат андоз меситониданд.



### АНДОЗ АЗ ЧӮБЧАИ ХӮРОКХӮРӢ

Чин бо мақсади маҳдуд кардани истеъмоли ҳезум ва ҳифзи муҳити зист намуди андозеро ҷорӣ кард, ки меъёри пардохти он 5 фоизро ташкил медиҳад. Ин андоз аз чӯбчаи хӯрокхӯрии якдафъаина мебошад. Мувофиқи маълумоти Вазорати молияи Чин тақрибан 2 миллион метри мукааб дар як сол барои истеҳсоли 15 миллиард ҷуфт чӯбчаи хӯрокхӯрӣ истифода мешавад. Ин вазъият ба ҷангал таъсири калон расонида, омили зуҳуротҳои дигаре мегардад.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Қалбҳои дӯстонро шикастан бар муроди душманон амал кардан аст.

**ххх**

Насиҳати беҳтарин намунаи хуб шудан аст.

**ххх**

Ба як нафар ноҳақӣ кардан ба тамоми ҷамъият таҳдид кардан аст.

Рафиқи бад ба ҷисм не, ба рух зарар мерасонад.

**ххх**

Шахсе, ки дӯсташро аз худ боло намедонад, садоқат надорад.

**ххх**

Самимият забон надорад, аз чашм фаҳмида мешавад.

## ПАНДИ РӮЗГОР

Беҳтарин ҳадя барои падар иззат аст, барои модар эҳтиром, барои устод аҳволпурсӣ, барои фарзанд меҳрубонӣ, барои ҳамсар муҳаббат, барои тифл тарбият, барои дӯст вафо, барои ҷомеа хидмат, барои ҳамсоя ҳамдардӣ, барои майит дуо, барои охират некӣ.

## ОЁ МЕДОНЕД?



**Ҳиндустон харидори калонтарини тилло дар дунё ба шумор меравад. Ин давлат ҳамасола қариб 936 тонна тиллоро маҳсулот карда дар бозори дохилӣ мефурӯшад.**



**Париж бо шумораи тарабхонаҳояш дар ҷаҳон дар ҷои якум меистад. Шумораи зиёди онҳо дар тамоми ҷаҳон машҳур шудаанд.**

## БОРИ АВВАЛ РОБОТ – ПАШША БЕ НОҚИЛ ПАРИД



Муҳандисони донишкадаи Вашингтон робот-пашшаи Robo Fly-ро сохтанд, ки беноқил ба фазо мепарад. Ихтироот дар намошгоҳи байналхалқии робототехникаи Австралия муаррифӣ шуд.

Мушкилии зиёд ҳангоми сохтани чунин роботҳои беноқил ин ҷой барои захираи нерӯъ мебошад, ки набояд ба парзанӣ халал расонад. Барои мисол аз сабаби вазнин ва калонҳаҷм буданаш чунин батарея дар ҳашароти электронӣ насб карда намешавад.

Олимон роҳҳои ҳалли ин масъаларо ёфтанд. Ноқилро ба лазер иваз намуданд. Ҳангоми расидани равшанӣ ба санҷандаи танаи Robo Fly, равшанӣ ба нерӯи электрикӣ гардонида мешавад. Ин имкон медиҳад, ки робот - пашша бе ягон ноқил ва батарея бо нерӯ таъмин бошад.

Чуноне сомонаи донишгоҳ хабар медиҳад, барои паридани Robo Fly қувваи 240 волт басандагӣ мекунад. Мутаассифона, ҳоло таҷҳизот танҳо рост парида фуромадаметавонад, сабаб дар он аст, ки лазер дар як ҷой ҷойгир мебошад. Олимон дар нақша доранд лазерро низ мустақил гардонида ба таҷҳизот имконҳои бисёреро фароҳам оранд.

## ОСОРХОНАҲОИ ҒАЙРИОДӢ

Дар шаҳри Гатлинбурги Амрико осорхонае мавҷуд аст, ки коллексияи зарфҳои гуногунҳаҷми намак ва мурчдонро ҷамъ овардааст. 20 000 намакдон ва мурчдонҳои он аз масолеҳи гуногун тайёр гардидаанд.



Осорхонаи аҷибе дар қаъри баҳри Кариб, дар Боғи миллии Канкунаи Мексика ҷойгир аст. Ин осорхона «Таҳаввулоти ором» ном дошта, таърихи башариятро аз даври қадим то замони ҳозир дар бар мегирад. Барои дидани зиёда аз 400 нигораи он бояд бо акваланг ба чуқурии 10 метр ғӯта зад.

## ХОСИЯТИ ШИФОИИ ҚУЛФИНАЙ



Дар тибби қадим қулфинай воситаи муҳими парҳезӣ, муқаввӣ ва давобахш маҳсуб мешуд. Табибони тибетӣ онро барои пешгирии пирӣ истифода мекарданд. Дар таркиби меваи қулфинай қанд, кислотаҳои органикӣ, клетчатка, моддаҳои пектинӣ, витаминҳои C, E, B1, B2, B6, B15, каротин (провитамини A), микроэлементҳо мавҷуданд.

Табибони халқӣ меваи тару хушк, афшура, барг ва решаи қулфинайро ҳангоми бемориҳои гуногуни ҷигар (холесистит, зардпарвин гепатити кӯҳна, дарди санги талхадон), роҳи меъдаю рӯдаҳо (гастрит ва энтероколити музмин, бавосир ва ғайра), қабзияти пешоб, дарди санги масона, инчунин дар мавриди табларза (чун давои араҷовар), камхунӣ, тарбод ва ғайра истифода мебаранд. Меваи қулфинайро барои табобати меъда, қабзият, ғалаёни хун, атеросклероз, афтодани кирмҳо ба кор мебаранд. Марҳами меваи қулфинай шукуфаро дармон мебахшанд.

Бочу Хироч

МУАССИС:
КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир
Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Ҳафтанома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

➢ **Навбатдор:** Мазҳаби ҶУМЪА

➢ **Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

► ***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

➢ **Тел:** 2-33-08-41 ***Теъдод: 28 332***